# ҶАМЪИЯТИ САҲОМИИ ПӮШИДАИ

БОНКИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ТОҶИКИСТОН

ШАРТНОМАИ УНИВЕРСАЛӢ

ОИДИ ШАРТҲОИ ХИЗМАТРАСОНИИ МАҶМӮИИ БОНКӢ БА ШАХСОНИ ВОҚЕӢ ДАР ҶСП "БОНКИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ТОҶИКИСТОН"

(ОФЕРТА)

БО ҚАРОРИ РАЁСАТИ ҶСП "БОНКИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ТОЧИКИСТОН"

ТАСДИҚ КАРДА ШУД.

№51 АЗ "18" АПРЕЛИ СОЛИ 2022

Матни шартномаи универсалии мазкур "оид ба хизматрасониҳои маҷмӯии бонкӣ ба шахсони воқеӣ" аз тарафи ҳамаи шахсони манфиатдор бояд ҳамчун офертаи оммавии (оферта) Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи «Бонки байналмилалии Тоҷикистон» (Иҷозатномаи БМТ № 0000060 аз 29 феврали соли 2016, аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон дода шудааст), минбаъд «Бонк» номида мешавад, ки ба шахсони воқеӣ барои бастани шартномаи ҳамроҳшавӣ ба сифати мизоҷи Бонк фиристода шудааст, баррасӣ карда шавад.

Офертаи оммавии мазкур тамоми шартҳои Шартномаи универсалии басташаванда, қисмҳои таркибии ҷудонашавандаи он – шартҳои умумӣ, тарофаҳои Бонк, инчунин Аризаи шакли дахлдори тасдиқнамуда оид ба ҳамроҳшавӣ, ки мизоҷи Бонк ҳангоми ҳузури шахсиаш ба сохторҳои Бонк ва ё вохурӣ бо намоянда/агенти Бонк бо мақсади ҳамроҳшавӣ ба офертаи мазкур, имзо намуда, ба Бонк пешниҳод менамояд, дар бар мегирад.

Оферати мазкур бо муқаррароти меъёрҳои Кодекси граждании ҶТ, аз ҷумла бо меъёрҳои моддаҳои 458, 460, 467 ва 469 Кодекси гражданӣ пешбинигардида, ба танзим дароварда шуда,  то аз тарафи Бонк бозхонд шуданашон амал менамоянд.

## МУНДАРИЧА


1. МАФҲУМҲО ВА ИСТИЛОҲОТ. ....4
2. МУҚАРРАРОТИ АСОСӢ. ....8
3. ҲУҚУҚУ УҲДАДОРИҲОИ ТАРАФҲО. ....13
4. ТАРТИБИ ХИЗМАТРАСОНИИ ФОСИЛАВӢ. ....19
5. МУҲЛАТИ АМАЛ, ТАРТИБИ ТАҒЙИР ДОДАН ВА КАТЪ КАРДАНИ ШАРТНОМАИ УНИВЕРСАЛӢ. ....21
6. МАСЪУЛИЯТИ ТАРАФХО. ....24
7. ҲАЛЛИ БАҲСҲО. ....25
8. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ. ....25

**ЗАМИМАИ №1 – НОМГӮИ ҲУҶҶАТҲОЕ, КИ МИЗОҶ БАРОИ ҲАМРОҲ ШУДАН БА ШАРТҲОИ ШАРТНОМАИ УНИВЕРСАЛӢ ПЕШНИҲОД МЕНАМОЯД** ....26

**ЗАМИМАИ №2 - ШАРТҲОИ УМУМИИ КУШОДАН, ПЕШБУРД ВА БАСТАНИ ҲИСОБИ БОНКӢ ВА ШАРТҲОИ ПЕШНИҲОД ВА ИСТИФОДАБАРИИ КОРТҲОИ БОНКӢ.** ....32

**ЗАМИМАИ №2-1 ҚОИДАҲОИ ИСТИФОДАИ КОРТИ БОНКӢ** ....40

**ЗАМИМАИ №3 – ШАРТҲОИ УМУМИИ ПЕШНИҲОДИ ҚАРЗ БА ШАХСОНИ ВОҚЕЙ, ЗАМОНАТ ВА ГАРАВИ МОЛУ МУЛКИ МАНҚУЛ** ....47

**ЗАМИМАИ №4 – ШАРТҲОИ УМУМИИ ПЕШНИҲОДИ ҚАРЗИ ИСТЕЪМОЛӢ ТАВАССУТИ КОРТҲОИ ПАРДОХТӢ** ....63

# 1. МАФҲУМҲО ВА ИСТИЛОҲОТ.

**Рақами абонентӣ** – рақами телефони мобилӣ, ки аз ҷониби оператори мобилӣ мутобиқи шартномаи пешниҳоди хизматрасониҳои телекоммуникатсионӣ ба Мизоҷ дода шудааст ва мизоҷ онро ба Бонк ҳамчун рақами асосии тамос барои ҳамкории иттилоотӣ ва хизматрасониҳои фосилавӣ пешниҳод кардааст.

**Таҷҳизоти Мизоҷ** – компютери шахсӣ, смартфон, телефон ё дастгоҳи дигаре, ки ба хатҳои алоқа (интиқоли маълумот) барои қабул ё интиқоли Паёмакҳо аз ҷониби Бонк ба мизоҷ ва ё баръакс пайваст мебошад.

**Маълумоти аутентификатсионӣ** - Рамзҳои дастрасӣ, логин, рамзи (парол) мизоҷ, инчунин дигар маълумоте, ки барои дастрасӣ ва анҷом додани амалиётҳо, аз ҷумла бо истифода аз Корт, тавассути банкомат, интернетБонк, Бонки мобилӣ дигар каналҳои хидматрасонии Интернет, инчунин дигар востиаҳои алоқаи мобилӣ истифода мешаванд.

Маълумоти аутентификатсионӣ ҳамчун (аналоги) имзои дастнависи мизоҷ ва шахсони ваколатдори ӯ ба ҳисоб меравад.

**Бонк -** Ҷамъияти Саҳомии Пӯшидаи «Бонки Байналмилалии Тоҷикистон», ки Саридораи он дар суроғаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Бухоро 27, ҷойгир аст. (Иҷозатномаи БМТ № 0000060 аз 29 феврали соли 2016, аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон дода шудааст)

**Банкомат** – банкомат - таҷҳизоти барномавию техникии электронӣ, ки барои қабул ва додани маблағҳои нақд ва пешниҳоди хизматрасониҳои дигари ташкилоти қарзии молиявӣ бо истифодаи воситаи электронии пардохтӣ пешбинӣ шудааст;

**Пасандоз** – маблағе, ки дар асоси шартномаи пасандоз ҳуқуқи истифодаи муваққатиаш ба бонк бо шарти пардохти фоизи муайян вогузор шудааст;

**Амонат** - маблағ ва сарвати дигари шахсони воқеӣ, ки ба ташкилоти қарзӣ барои нигаҳдорӣ супурда шудаанд;

**Хизматрасонии фосилавӣ** – ташкил ва иҷрои фармоишҳо оид ба амалиётҳо ва/ё коркарди дархостҳои Мизоҷ бо истифода аз маълумоти аутентификатсионӣ ва/ё Рамзҳои дастрасӣ ва/ё пешниҳоди маълумот оид ба шартномаҳои байни Мизоҷ ва Бонк ба воситаи банкомат, Маркази хизматрсониҳои фосилавии Бонк тавассути телефон ва/ё вебсайти расмии Бонк дар шабакаи Интернет ва/ё Интернет-банк ва/ё Банки мобилӣ ва/ё дигар каналҳои хизматрасонии Интернет (аз ҷумла почтаи электронӣ) ва/ё каналҳои алоқаи мобилӣ, аз ҷумла SMS паёмҳо.

**Хизматрасонии фосилавии бонкӣ (бонкинги электронӣ)** – хизматрасоние мебошад, ки бо истифодаи воситаҳои барномавию техникӣ ва телекоммуникатсионӣ барои гузаронидани амалиёти бонкӣ, гирифтани иттилоот оиди бақияи маблағ дар суратҳисоби бонкӣ ва амалиёти гузаронидашуда, ба Мизоҷ дастрасии фосилавиро ба суратҳисоби бонкии ӯ дар бонк имконият медиҳад;

**Шартнома** – агар тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад, яке аз намудҳои зерини шартномаҳо:

- Шартномаи суратҳисоби бонкӣ – шартномаи байни Бонк ва Мизоҷ оид ба кушодан, пешбурд ва бастани суратҳисоби бонкӣ, ки ба сифати қисмҳои ҷудонашавандаи он Ариза, тарифҳо ва шартҳои умумии кушодан, пешбурд ва бастани суратҳисобҳои шахсони воқеӣ, инчунин тартиби пешниҳод ва истифодабарии кортҳои бонкиро дар бар мегирад.
- Шартномаи пасандози бонкӣ – шартномаи байни Бонк ва Мизоҷ оид ба пасандозҳои бонкӣ басташуда, ки он аризаи дахлдор, тарифҳо ва шартҳои умумии пасандозгузориро дар бар мегирад;
- Шартномаи қарзӣ — шартномаи қарзи, ки байни Бонк ва Мизоҷ баста мешавад, ки ба сифати қисмҳои таркибии он ариза – офертаи мизоҷ, тарифҳо ва Шартҳои умумии қарздиҳӣ ба шахсони воқеиро (дар доираи маҳсулоти бонкӣ) дар бар мегирад, ва ғайра

**Ӯҳдадориҳои қарзӣ** – тамоми маблағҳои пулие, ки мизоҷ тибқи дилхоҳ Шартномаи бо бонк басташуда бояд ба Бонк пардохт намояд, аз ҷумла маблағи қарзи асосӣ, фоизҳои барои истифодабарии қарз, ҷаримаҳои ҳисобшудаи пардохтнашуда, комиссияҳо, боҷҳо ва дигар маблағҳо, ҳамчунон барои хизматрасониҳои иловагӣ ва ғайра.

**Ариза – офертаи Мизоҷ –** аризаи мизоҷ, ки ба номи Бонк ирсол гардида, нияти мизоҷро оид ба бастани дилхоҳ Шартнома бо Бонк ва тамоми шартҳои асосии Шартномаи дахлдорро дар бар мегирад.

**Аризаи ҳамроҳшавӣ** – Ариза - офертаи (пешниҳоди) хаттии мизоҷ ба номи Бонк ирсолшуда, ки нияти мизоҷро оид ба бастани Шартномаи универсалӣ бо Бонк, инчунин Ариза оид ба бастани Шартномаи (созишномаҳои) алоҳида дар доираи шартҳои умумии дахлдорро дар бар мегирад. Инчунин имзо ва/ё пешниҳод намудани пурсишномае, ки тибқи тартиби дахлдор аз тарафи Бонк барои муайян намудани Мизоҷ заруранд.

**«Интернет-бонк»** – системаи хизматрасонии фосилавии бонкӣ – маҷмӯи васоити барномавӣ-абзориест, ки ба Бонк имкон медиҳад, ба Мизоҷ ҳангоми тасдиқи воқеии мушаххасоташ ҷиҳати иҷрои фосилавии амалиётҳои бонкӣ, инчунин гирифтани хизматрасониҳои иттилоотӣ тавассути шабакаи Интернет бо истифода аз воситаҳои ҳифзи криптографии иттилоот имконият фароҳам оварда шавад.

**Мизоҷ** – шахси воқеӣ - резидент ё ғайрирезиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Бонк тибки Шартҳои умумӣ Шартномаи универсалӣ ва/ё дилхоҳ Шартнома бастааст.

**Рамзҳои дастрасӣ** – PIN-код, рамзҳои ададӣ ва/ё ҳарфӣ ва / ё графикӣ, ки ҳангоми тавассути хизматрасониҳои фосилавии бонкӣ мурочиат намуданаш, ба Бонк имконият медиҳад, ки мизоҷ мушаххас карда шавад. Рамзҳои дастрасӣ шабеҳи

(ҳамарзиш, баробарарзиши) имзои дастнависи мизоҷ ва ё шахси ваколатдорӣ ӯ ба ҳисоб меравад.

**Компрометация**— гум кардани Рамзҳои дастрасӣ ё Маълумоти аутентификатсионӣ, гум шудани эҳтимолии Рамзҳои дастрасӣ ё Маълумоти аутентификатсионӣ ё пайдоиши шубҳа (гумони) дастрасии тарафи сеюм ба Рамзҳои дастрасӣ ё маълумоти аутентификатсионӣ

**Корти пардохтии бонкӣ** – воситаи пардохтие, ки ба воситаи он дорандаи корт бо истифода аз рақами мушаххаси шахсии худ ва/ё ҳама гуна рамзҳои дигаре, ки барои мушаххас кардани дорандаи он имкон медиҳад, дастрасии фосилавӣ ба суратҳисоби бонкиро барои анҷом додани амалиёти аз ҷониби эмитент пешниҳодшуда фароҳам меорад;

**Қарз** – маблағҳое, ки аз ҷониби Бонк ба Мизоҷ бо шартҳои пардохти фоиз ва баргардонидан ба мӯҳлати майян дода шудааст (аз ҷумла Овердрафти иҷозатдодашуда ё Овердрафтҳои техникӣ);.

**Лимити (ҳудуди) овердрафт** - маблағе, ки дар доираи он Овердрафти иҷозатдодашуда ба Мизоҷ дода мешавад.

**Бонки мобилӣ** – хизматрасонии Бонк, ки имкон медиҳад ҳамкориҳои байни Мизоҷ ва Бонк, аз ҷумла мубодилаи иттилоот ва анҷом додани амалиёти муайяни бонкӣ тавассути замимаҳои махсуси дастгоҳи мобилӣ (смартфон, планшет ва ғ.) анҷом дода шавад.

**Шартҳои умумӣ** - шартҳои пешниҳоди хизматрасониҳои бонкӣ, ки дар замимаҳои ҳамин шартномаи универсалӣ пешбинӣ шудаанд.

**Интишори иттилоот** - пешниҳоди иттилоот ба дилхоҳ шахсони сеюм, ки дар он шартномаи универсалӣ, тағйирот ба матни он, инчунин ҳама гуна ҳуҷҷатҳои аз ҷониби Бонк мутобиқи шартҳои шартномаи универсалӣ дар сомонаи расмии Бонк ҷойгир карда, ки аз лаҳзаи интишораш барои шиносоӣ дастрас мебошанд.

**Сомонаи расмии Бонк - www.ibt.tj**

**Шарикон** - ташкилотҳое мебошанд, ки бо Бонк дар бораи гирифтан ва додани маблағҳои ба мизоҷони Бонк фиристодашуда шартнома, инчунин дигар шартномаҳо бастаанд. Маълумот дар бораи Шарикон дар сомонаи расмии Бонк дастрас аст.

**Рақами мушаххаси шахсӣ (РМШ)** – рамзи шахсие, ки аз ҷониби эмитент ба дорандаи корт бо мақсади муайян кардани шахсияти ӯ ҳангоми анҷом додани амалиёт бо истифода аз корти пардохтии бонкӣ дода мешавад;

**Пардохт (Комиссия)** — ҳаққи хизматрасонӣ, ки аз ҷониби Бонк аз суратҳисоби (амонатӣ, пасандозӣ ё дилхоҳ суратҳисоб)-и бонкии мизоҷ ё дар ҳолати нокифоя будани маблағ дар онҳо аз ҳисоби Овердрафти техникӣ/иҷозатдодашуда ситонида мешаванд ё ин ки тариқи даъво пардохти он аз мизоҷ талаб карда мешавад. Ситониши Пардохт /комиссияҳои дар шартномаи суратҳисоби бонкӣ пешбинишуда аз санаи анҷоми амалиёти аввал дар суратҳисоби бонкӣ оғоз мегардад.

**Фармоиш** – фармоиши Мизоҷ оид ба анҷом додани амалиёт тибқи Шартномаи суратҳисоби бонкӣ.

**Намоянда/Агенти Бонк** - кормандони Бонк ё шахсоне, ки тибқи тартиби дохилии Бонк ва қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ваколатдор шудаанд, ки ҳамчун намоянда, агент ва ё субагент аз номи Бонк амал намоянд.

**Суратҳисоби бонкӣ** - суратҳисоби бонкии Мизоҷ бо пули миллӣ ё асъори хориҷӣ, ки дар ташкилоти қарзии молиявӣ кушода шуда, дар он бақия ва гардишҳои маблағҳои пулии Мизоҷ инъикос мегардад;

**Суратҳисоби кортӣ** – ин суратҳисоби бонкӣ мебошад, ки тавассути он ҳамаи амалиёти ба воситаи корт иҷрогардида, ба ҳисоб гирифта мешаванд;

**Суратҳисоби умумикардашудаи кортӣ** - ин суратҳисоби бонкӣ мебошад, ки дар он маблағҳои пулии аз рӯи кортҳои пешпардохти аз ҷониби ношир баровардашуда ба ҳисоб гирифта мешаванд;

**Овердрафт (изофабардошт)** – қарзи кӯтоҳмуддат барои амалӣ намудани пардохтҳои аз маблағи дар суратҳисоб будаи Мизоҷ зиёдтар, ки дар ҳудуди маблағ ва шартҳои шартномаи пешниҳоди корт муайян гаштаанд;

**Паём/хабар** – иттиллооте, ки дар доираи дилхоҳ Шартнома тавассути хизматрасонии паёмак бо истифода аз мушаххасоти ба Бонк пешниҳодкардаи Мизоҷ, замимаҳои мобилии Бонк ё бо истифода аз дигар имкониятҳои дастгох/таҷҳизоти мизоҷ, аз ҷумла push-огоҳӣ интиқол дода мешавад.

**Ҳисоби амонатӣ/пасандозӣ** – суратҳисобе, ки дар он маблағҳои ҷойгирнамудаи мизоҷ бо асъори Ҷумҳурии Тоҷикистон ё асъори хориҷӣ тибқи шартҳои Шартномаи пасандози бонкӣ (пасандози мухлатнок) ба ҳисоб гирифта мешавад.

**Тарофаҳо** – маҷмӯи нақшаҳои тарофавии Бонк, ки қисми ҷудонашавандаи шартномаи универсалӣ мебошанд.

**Нақшаи тарофавӣ** – ҳуҷҷате, ки дорои маълумот оид ба андоза ва қоидаҳои татбиқ, ҳисоббаробаркунӣ, ҳисоб кардан ва ситонидани фоизҳо, комиссияҳо (ҳаққи хизматрасонӣ), пардохтҳо ва ҷаримаҳо, ки қисми ҷудонашавандаи шартномаи дахлдор мебошад.

**Токен** – воситаи электронии пардохт, ки дорои маҷмӯи реквизитҳои Корт мебошад, ки аз ҷониби Мизоҷ мустақилона тавассути дастгоҳи электронӣ, инчунин бо истифода аз Бонки мобилӣ интишор карда мешавад ва ба Мизоҷ имкон медиҳад, ки бо истифода аз технологияи пардохти бидуни тамос амалиётҳо гузаронад.

**Шартномаи универсалӣ** – шартномаи универсалӣ оиди хизматрасониҳои маҷмӯии бонкӣ ба шахсони воқеӣ, ки байни Бонк ва Мизоҷ баста мешавад ва аз Шартҳои умумии мазкур, Шартҳои умумӣ, тарофаҳо, пурсишнома ва Ариза барои ҳамроҳшавӣ (Ариза –офертаи мизоҷ), ки қисми тарикибии он ба ҳисоб мераванд, иборат мебошад.

**Шартҳо** — ҳуҷҷати мазкур, ки дар шакли шартномаи универсалӣ, ки шартҳои хизматрасонии маҷмӯии бонкӣ ба шахсони воқеиро муайян мекунад.

**Имзои электронӣ** - реквизити ҳуҷҷати электронӣ, ки барои аз сохтакорӣ ҳифз намудани ҳуҷҷати электронӣ пешбинӣ шуда, дар натиҷаи дигаргунсозии криптографии иттилоот бо истифодаи калиди имзои электронӣ ба даст омадааст ва имконият медиҳад, ки имзои соҳиби калиди имзо ҳаммонанд карда шуда, мавҷуд набудани иттилооти таҳрифшуда дар ҳуҷҷати электронӣ муайян гардад;

## 2. МУҚАРРАРОТИ АСОСӢ.

2.01. Дар доираи шартномаи универсалӣ, Бонк ба Мизоҷон имкон медиҳад, ки тибқи Шартҳои умумӣ бо Бонк Шартномаҳои алоҳида банданд.

2.02. Агар ягон муқаррароти ин Шартҳо ба муқаррароти дар Шартҳои умумии дахлдор муқаррааргардида номувофиқ бошад, он гоҳ муқаррароти дар Шартҳои умумии дахлдор муқарраргардида татбиқ мешаванд.

2.03. Барои бастани Шартномаи универсалӣ, Мизоҷ ба Бонк Ариза дар бораи ҳамроҳшавӣ (Ариза –оферта), ки шахсан ва/ё шахси ваколатдори Мизоҷ имзо намудааст ва ҳуҷҷатҳои заруриро барои тибқи талаботи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳуҷҷатҳои дохилии Бонк мушаххас намудани шахсияти Мизоҷ заруранд, пешниҳод менамояд.

2.04. Шартномаи универсалӣ ҳамчун шакли стандарти тасдиқшуда муайян карда шуда, мутобиқи муқаррароти моддаи 460 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон шартномаи ҳамроҳшавӣ мебошад. Шартномаи универсалӣ аз шартҳои умумии мазкур, Пурсишнома, Ариза дар бораи ҳамроҳшавӣ, Ариза – офертаи мизоҷ, тарофаҳо ва шартҳои умумии алоҳида (замима ба шартномаи универсалии мазкур) иборат буда, инчунин метавонад дар таркиби худ замимаҳо, низомномаҳо, тартиб, қоидаҳо ва ғайра дошта бошад, ки қисми ҷудонашавандаи он буда, қоида ва тартиби пешниҳоди хизматрасониҳои алоҳидаи бонкро муқаррар мекунанд.

2.05. Ҳамроҳшавӣ ба шартномаи универсалӣ оид ба хизматрасонии маҷмӯии бонкӣ ба шахсони воқеӣ бо роҳи ҳамроҳшавии мизоҷ ба Шартҳои мазкур мутобиқи моддаи 460 кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ба воситаи имзо намудани Пурсишнома, пешниҳоди Ариза – офертаи мизоҷ (шакли муқаррарнамудаи Бонк) оиди истифодабарии дилхоҳ хизматрасонии бонк ба амал бароварда мешавад.

2.06. Бо имзои Пурсишнома ва ё дилхоҳ Ариза – офертаи шакли тасдиқнамудаи Бонк, Мизоҷ тасдиқ мекунад, ки ӯ бо шартҳои шартномаи универсалӣ, тарофаҳо, қоидаҳо, тартиб, арзиши хизматрасонӣ ва ғайра пурра шинос шуда, онҳоро пурра қабул мекунад, ҳамчунин тасдиқ мекунад, ки Шартномаи универсалӣ барои ӯ шартҳои вазнинро пешниҳод накардааст.

2.07. Дар баробари Тарофаҳо ва дигар қоидаву тартибҳо, замимаҳои зерин низ қисми таркибии шартномаи универсалии мазкур ба ҳисоб мераванд:

- Замимаи №1: - номгӯи ҳуҷҷатҳое, ки мизоҷ барои ҳамроҳшавӣ ба шартномаи универсалӣ бояд ба бонк пешниҳод намояд;
- Замимаи №2 - шартҳои умумии кушодан, пешбурд ва бастани ҳисоби бонкӣ ва шартҳои пешниҳод ва истифодабарии кортҳои бонкӣ;
- Замимаи №3 – Шартҳои умумии пешниҳоди қарз ба шахсони воқеӣ, замонат ва гарави молу мулки манқул;
- Замимаи №4 – шартҳои умумии пешниҳоди қарзҳои истеъмолӣ тавассути кортҳои пардохтӣ ва ғайра.

2.08. Бонк Бо мақсади шиносоии мизоҷон ба шартномаи универсалӣ (аз ҷумла, тағйиру иловаҳо ба он ва ё таҳрири нави он, замимаҳо ба он ва тарофаҳои бонк) яке аз роҳҳои зеринро истифода намояд:

- Ҷойгир намудани онҳо дар сомонаи расмии Бонк www.ibt.tj, интернет – Бонк ва Бонки мобилӣ;
- Ҷойгир намудани онҳо дар гушаҳои иттиллоотии идораҳои амалиётӣ ва Сохторҳои амалиётии Бонк;
- Ба воситаи низомҳои махсуси интернетӣ ва СМС-ӣ;
- Бо дигар роҳ ва усулҳои дастрас, ки мизоҷ тавонад бо он шинос шавад ва дарк намояд, ки он аз номи Бонк омадааст.

2.09. Бо хоҳиш ва талаби мизоҷ матни шартномаи универсалии мазкур метавонад ба мизоҷ бо тарзи чопӣ (дар ҳомили қоғазӣ) барои шинос шудан пешниҳод карда шавад.

2.10. Санаи интишори маълумоти зикршуда санаи ҷойгиркунии аввалини он дар сомонаи расмии Бонк www.ibt.tj дар шабакаи Интернет ба ҳисоб меравад.

2.11. Шартномаи универсалӣ бо аз тарафи Бонк қабул намудани пурсишнома ва ё дилхоҳ Ариза - офертаи мизоҷ баста мешавад. Аксепти Ариза – офертаи Мизоҷ инчунин кушодани суратҳисоби бонкӣ барои Мизоҷ мебошад, агар дар Шартномаи универсалӣ тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад.

Агар дар Ариза – офертаи Мизоҷ пешниҳод оид ба бастани якчанд шартномаҳо дар доираи Ариза оид ба ҳамроҳшавӣ мавҷуд бошад, лаҳзаи бастани шартномаи универсалӣ аксепти якумин пешниҳоди (офертаи) мизоҷ ба ҳисоб меравад.

2.12. Бонк ҳуқуқ дорад тибқи қоидаҳои дохилӣ аз бастани Шартномаи универсалӣ ва ё дигар шартнома бо дилхоҳ шахси воқеӣ даст кашад.

2.13. Шарти ҳатмии баста шудани Шартномаи универсалӣ ин аз тарафи Бонк ба номи Мизоҷ кушодани суратҳисоби бонкӣ мебошад.

2.14. Бонк дар бораи расонидани хизмат ба Мизоҷ дар асоси маълумоте, ки дар натиҷаи шиносоии мизоҷ ба даст омадааст, аз чумла маълумоти ба Бонк пешниҳоднамудаи мизоҷ қарор қабул мекунад, агар дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби дигаре пешбинӣ нагардида бошад. Дар дилхоҳ ҳолат Бонк ҳуқуқ дорад аз Мизоҷ маълумоти иловагӣ талаб намояд.

2.15. Барои бастани дигар шартномаҳо дар доираи шартномаи универсалии аллакай басташуда, Мизоҷ Ариза – оферта ва/ё дархострo тавассути шабакаҳои хизматрасонии фосилавӣ бо истифода аз маълумоти аутентификатсионӣ ва/ё кодҳои дастрасӣ тибқи тартиби муқаррарнамудаи Бонк метавонад ба расмият даровcovarда, ба Бонк пешниҳод намояд. Аз тарафи Мизоҷ ворид намудани маълумотҳои аутентификатсионӣ ва/ё рамзҳои дастрасӣ ҳангоми ба расмият даровардани Ариза – оферта/дархост (паём ба Бонк), маънои онро дорад, ки Мизоҷ ба Бонк Шартномаро дар асоси тартибу шартҳои дар Шартҳои умумии дахлдор муқаррагардида бастааст.

2.16. Ихтиёрдории маблағҳо дар суратҳисоби бонкӣ, суратҳисоби амонатӣ/пасандозии дар Бонк кушодашуда дар асоси ҳуҷҷатҳои ҳисоббаробаркунии Мизоҷ тавассути Интернет бонк/Банки Мобилӣ ё дигар шабакаҳои хизматрасониҳои фосилавӣ танҳо бо истифода аз шабеҳи (аналоги) имзои дастнавис, аз ҷумла: имзои электронии мизоҷ ва ё шахси ваколатдори ӯ ва ғайра амалӣ карда мешавад.

Бонк ҳуқуқ дорад аз ҷониби Мизоҷ қабули дастур оид ба анҷом додани амалиёт аз рӯи суратҳисоби бонкӣ, суратҳисоби амонатиро, ки бо шабеҳи (аналоги) имзои дастнавис имзо шудааст (аз ҷумла дар сурати мавҷуд набудани имкони техникии анҷом додани амалиёт аз рӯи суратҳисоби бонкӣ, амонатӣ/пасандозӣ, интернет – Бонк, Бонки мобилӣ) рад намояд. Илова бар ин, Бонк ҳуқуқ дорад аз Мизоҷ маълумот ва/ё ҳуҷҷатҳои иловагӣ талаб намояд. Дар чунин ҳолатҳо Бонк танҳо ҳуҷҷатҳои ҳисоббаробаркуниро дар шакли коғазӣ ба таври дахлдор барасмиятдароварда қабул намуда, онҳоро на дертар аз рӯзи амалиётии (корӣ) аз ҷониби Бонк қабул кардани онҳо бо анҷом додани расмиёти ҳатмӣ оид ба назорати қобили қабули пардохт иҷро менамояд.

2.17. Бо бастани Шартномаи универсалӣ, Мизоҷ ба Бонк аксепти иҷрои фармоишҳои Бонкро нисбат ба ҳамаи суратҳисобҳои бонкии Мизоҷ дар Бонк кушодашуда, инчунин маблағҳои электронии ӯ, ба маблағи на зиёдтар аз ӯҳдадориҳои қарзии ӯ дар асоси Шартномаи универсалӣ ва/ё Шартномаҳо, барои баргардонидани ӯҳдадориҳои қарзии ӯ дар наздии Бонк, медиҳад.

2.18. Бонк ба Мизоҷ маълумоти марбут ба шартномаи универсалӣ ва/ё Шартнома, аз ҷумла иқтибосро тавассути почта ё шабакаҳои хизматрасонии фосилавӣ (бо салоҳдиди худ) мефиристад. Ҳамзамон, таваккали дастраси шахсони сеюм гардидани ин маълумотҳо ба зиммаи Мизоҷ во гузошта мешавад. Мизоҷ ҳуқуқ дорад аз ҳамаи воситаҳои мушаххаси пешниҳоди иттилоот аз Бонк тибқи шартномаи универсалӣ даст кашад, ба шарте, ки ҳадди ақкал як воситаи бешниҳоди иттилоот аз Бонк нигоҳ дошта шавад.

2.19. Дар сурати аз истифодаи ҳамаи воситаҳои гирифтани иттилоот даст кашидани Мизоҷ, Бонк барои дастрас нашудани маълумотҳо ба мизоҷ масъулиятро ба зимма намегирад.

Агар Мизоҷ тавассути каналҳо/воситаҳои дарёфти иттилоот, ки худи ӯ муқаррар кардааст, дастрас набошад/ғоиб бошад, Бонк масъулият ба зимма надорад.

Хавфи аз ҷониби Мизоҷ нагирифтани огоҳинома, паём, иттиллоот, дархост, фармоиш, талаб ва дигар ҳуҷҷати аз ҷониби Бонк фиристодашуда бо ҳама гуна тарзу воситаҳои дар банди 2.17 ҳамин Шартнома фиристодашуда ба зиммаи мизоҷ гузошта мешавад, аз ҷумла оқибатҳои ҳуқуқии вобаста ба иҷро нашудани огоҳинома, иттиллот/хабар, дархост, фармон, талаб ва дигар ҳуҷҷатҳо.

2.20. Ҳуҷҷате, ки бо имзои электронии шахси ваколатдори Мизоҷ имзо шудааст, бо ҳуҷҷати коғазие, ки ин шахс ба дасти худ имзо кардааст, эътибори якхелаи ҳуқуқӣ дорад ва боиси оқибатҳои ҳуқуқии барои ҳуҷҷати зикргардида мегардад. Дар ҳуҷҷат мавҷуд будани имзои электронии шахси ваколатдори Мизоҷ маънои онро дорад, ки ҳуҷҷат аз ҷониби шахси ваколатдори Мизоҷ фиристода ва имзо шудааст ва маълумоти дар чунин ҳуҷҷат мавҷудбуда ҳақиқӣ, боэътимод ва ба ҳуҷҷати қоғазии ба даст имзошудаи Мизоҷ ва шахси ваколатдори ӯ баробар дониста мешавад.

2.21. Мубодилаи ҳуҷҷатҳо дар Интернет Бонк/Бонки Мобилӣ ва/ё тавассути дигар шабакаҳои Хизматрасонии фосилавӣ дар доираи шартномаи унверсалӣ эътиборӣ ҳуқуқӣ доранд. Чунин ҳуҷҷатҳо байни Бонк ва Мизоҷ (минбаъд дар якҷоягӣ «Тарафҳо» номида мешаванд) дар шакли хаттӣ тартиб дода ҳисобида мешаванд. Паёму иттиллоте, ки бо ҳама гуна восита/усулҳо дар доираи шартномаи универсалӣ фиристода мешаванд, паёмҳое эътироф мешаванд, ки иродаи Тарафи ирсолкунанда оид ба пайдоиш/барқарор кардан, тағир додан ё қатъ кардани муносибатҳои ҳуқуқии тарафҳо дар доираи шартномаи генералиро доранд. Тарафҳо гирифтани чунин паём/иттиллот/хабарро ҳамчун далели ҳуқуқӣ эътироф мекунанд. Паёмҳои Мизоҷ бояд бо имзои электронии шахси ваколатдори ӯ дар ҳолатҳое имзо карда шаванд, ки имзои чунин паёмҳо талаботи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қоидаҳои Бонк, инчунин шартҳои Шартномаи универсалӣ бошад. Тарафҳо ба мувофиқа расиданд, ки ҳуҷҷатҳои электронии Тарафҳо дар доираи шартноомаи универсалӣ ҳамчун ҳуҷҷатҳои электроние, ки бо имзои оддии электронӣ имзо шудаанд, эътироф карда мешаванд ва ба ҳуҷҷатҳои коғазӣ, ки бо имзои дастии мизоҷ ва ё шахси ваколатдори ӯ имзо шудаанд, баробаранд. Ҳуҷҷати электронӣ, ки ба Бонк бо истифода аз маълумотҳои электронии барои тамос пешниҳоднамудаи Мизоҷ фиристода мешавад, ҳуҷҷати электронии аз номи Мизоҷ ва ё намояндаи ваколатдори ӯ, ки бо истифода аз калиди оддии имзои электрониро эҷод ва/ё истифода мебаранд, фиристодашуда ҳисобида мешавад.

2.22. Барои ҳар як Шартнома, ки тарофаҳо/ҷадвали пардохт қисми ҷудонашавандаи он мебошанд, нақшаи тарофавӣ/ҷадали пардохт татбиқ карда мешавад, ки ба Мизоҷ тавассути почта ва/ё почтаи фармоишӣ ва/ё хаткашонӣ ирсол карда мешавад ва/ё тавассути шабакаҳои хизматрасонии фосилавӣ пешниҳод карда мешавад. Воситаи ирсол аз ҷониби Бонк мустақилона муайян карда мешавад.

2.23. Бо мақсади иҷрои фармоишҳои Мизоҷ ва фармоишҳои Бонк, ки аксеп/қабули онҳо аз ҷониби Мизоҷ пешбинӣ шудааст, иҷрои ҳуҷҷатҳои ҳисоббаробаркунӣ (пардохти) аз ҷониби Бонк амалӣ карда мешавад ва Мизоҷ ба Бонк ваколатҳои дахлдор медиҳад.

2.24. Мизоҷ бо бастани шартномаи мазкур ба Бонк аксепти пешакии ҳамаи талаботҳои Бонкро дар ҳаҷми пурра, аз ҷумла розигӣ барои рӯёниш аз дилхоҳ суратҳисоби бонкӣ, суратҳисоби амонатӣ/пасандозиаш ба андозаи талабҳои Бонк вобаста ба пардохти ҳаққи хизматрасонӣ, ӯҳдадориҳои қарзӣ ва ғайра дар мӯҳлати муқаррарнамудаи Шартномаи универсалӣ, ки дар санаи пешниҳоди чунин хизматрасонӣ амал мекунад, медиҳад.

2.25. Дар асоси аксепти пешакии Мизоҷ ба Бонк, тибқи муқаррароти банди 2.23 ҳамин шартнома, Бонк ҳуқуқ дорад, бе розигии иловагии Мизоҷ, аз ҳисоби маблағҳои дар дилхоҳ суратҳисоби бонкии мизоҷ буда ситониши дар қонунгузории ҶТ ва шартномаи универсалӣ муқарраршударо ба роҳ монад, аз ҷумла:

- комиссияҳо/хаққи пешниҳоди хизматрасонӣ (ҳароҷотҳои комиссионӣ ва/ё дигар хароҷоти Бонк вобаста ба пешниҳоди хизматрасонӣ ба Мизоҷ);
- ҷаримаи пешбининамудаи шартҳои Шартномаи универсалӣ;
- ноустуворонаи тибқи шартҳои шартномаи универсалии мазкур муқарраршуда;
- дигар маблағҳое, ки дар асоси шартномаҳои байни Мизоҷ ба Бонк басташуда Мизоҷ ӯҳдадор аст дар ҳаҷм, тартиб ва шартҳои пешбининамудаи чунин шартномаҳо ба Бонк пардохт намояд;
- маблағи қарзи батаъхиргузоштаи Мизоҷ дар назди Бонк тибқи Шартномаи универсалӣ ва дигар шартномаҳои байни Бонк ва Мизоҷ басташуда дар ҳаҷм, тартиб ва шартҳои пешбининамудаи чунин шартномаҳо;
- маблағҳои нодуруст ба ҳисоб гирифташуда, фоизҳои зиёдатӣ пардохташуда, инчунин дигар маблағҳое, ки Мизоҷ бояд ба Бонк баргардонад пардохт намояд.

2.26. Дар сурати агар амали Бонк оид ба тағйир додани реквизит ё бекор кардани пардохт бо хароҷоти иловагие, ки бевосита дар тарофаҳо зикр нашудаанд, алоқаманд бошад, Мизоҷ ӯҳдадор аст ба Бонк чунин хароҷотро баргардонад. Мизоҷ бо бастани шартномаи универсалии мазкур ба Бонк иҷозат/розигӣ медиҳад, ки маблағи ин хароҷотро мувофиқи аксепти қаблан додашуда аз суратҳисобҳои Мизоҷ ситонад.

2.27. Дар ҳолати аз ҷониби Бонк сар задани хато, ҳамаи амалҳо оид ба дархостҳо, тағйир додани реквизитҳо, бекор кардани пардохт ва аз нав иҷро намудани он аз ҳисоби Бонк анҷом дода мешавад.

2.28. Маблағҳое, ки аз рӯи пардохтҳои иҷрошудаи Мизоҷ бо сабаби нодуруст нишон додани реквизитҳои пардохт ё бо талаби бекор кардани пардохт баргардонида шудаанд, ба суратҳисоби бонкӣ ба маблағи гирифтаи Бонк ворид карда мешаванд.

2.29. Мутобиқи муқаррароти қисми 2 моддаи 185 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тасдиқ намудани маълумотномаҳо, маълумотҳо ва мактубҳо оид ба шартномаи универсалӣ ва/ё шартномаҳо, нусхаи факсимилии имзои шахси ваколатдори Бонк, тасвири графикии мӯҳри Бонк, ки бо истифода аз таҷдиди механикӣ ва/ё электронии рақамӣ дар ҳуҷҷатҳои дар боло зикршуда гузошта шудааст, истифода бурда мешавад.

## 3. ҲУҚУҚУ УҲДАДОРИҲОИ ТАРАФҲО.

3.01. Ба ғайр аз ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои дар қисми 3 ҳамин ҳуҷҷат пешбинишуда, Бонк ва Мизоҷ ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои дар Шартҳои умумии дахлдори алоҳида муқаррар гардидаро доранд.

3.02. Бонк ӯҳдадор мешавад:

a) ҳама гуна маълумоти марбут ба Мизоҷро махфӣ нигоҳ дорад. Бо вуҷуди ин, Мизоҷ розӣ аст, ки Бонк ҳуқуқ дорад ҳама гуна маълумоти марбут ба Мизоҷ, аз ҷумла маълумотҳои дорои сирри бонкии ӯро ба агентҳо ва шарикон, инчунин ба дигар шахсони сеюм, аз ҷумла ба бюроҳои қарзӣ ва агентҳои коллекторӣ, сарфи назар барои истифодаи махфӣ буданашон, аз ҷумла барои ситонидани қарз интиқол ва ифшо кунад. Бонк инчунин ҳуқуқ дорад ин гуна маълумотро тибқи қарорҳо, фармонҳо, Фармоишҳои инкассавӣ, дастурҳо, ордерҳо ё дигар ҳуҷҷатҳои аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ, инчунин судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон додашуда ошкор намояд.

3.03. Мизоҷ ӯҳдадор аст:

a) ба Бонк, аз ҷумла бо дархости Бонк маълумоти боэътимод ва ҳуҷҷатҳоеро пешниҳод намояд, ки барои иҷрои вазифаҳои пешбининамудаи Бонк, аз ҷумла ҳуҷҷатҳо ва маълумот дар бораи амалиётҳо бо маблағҳо, ҳуҷҷатҳое, ки эътибори гирифтани маблағҳои интиқолшударо тасдиқ мекунанд, инчунин ҳуҷҷатҳо ва маълумоте, ки нисбати Мизоҷ, бенефитсиарҳо ва/ё шахсоне, ки мустақиман ё ғайримустақим онҳоро назорат мекунанд, барои муайян кардани резидентҳои андози давлатҳои (ҳудудҳои) хориҷӣ заруранд. Бо дархости Бонк пурра ё қисман пешниҳод накардани ҳуҷҷатҳо/маълумотҳо, инчунин пешниҳоди ҳуҷҷатҳо/маълумотҳои номатлуб тартибдодашуда ё вайрон кардани тартиб ва шартҳои пешниҳоди онҳо, ки Бонк муайян

кардааст, аз тарафи Мизоҷ ба таври ҷидди вайрон кардани шартҳои шартномаи универсалӣ (шартнома) ба ҳисоб меравад.

б) дар давоми 3 (се) рӯзи корӣ ба Бонк дар бораи ҳамаи тағйиротҳои марбут ба маълумоти аз ҷониби Мизоҷ бо мақсади бастани Шартномаи универсалӣ ва бо мақсади муайянкунӣ/мушаххаскунӣ пешниҳодгардида, хабар диҳад, инчунин на камтар аз 1 (як) маротиба дар як сол ба таври хаттӣ дурустии маълумотҳои мазкурро тасдиқ намояд. Набудани огоҳии хаттии Мизоҷ пас аз як сол аз рӯзи бастани Шартномаи универсалӣ ва ҳар як соли минбаъда маънои онро дорад, ки Мизоҷ дурустӣ ва амакунанда будани маълумоти ҳангоми бастани Шартномаи универсалӣ пешниҳодшударо тасдиқ мекунад.

в) ба Бонк маълумоти боэътимодро барои тамос бо Мизоҷ (шахсони ваколатдор) пешниҳод намуда, дар сурати тағйирот фавран маълумоти навшударо пешниҳод намояд. Ӯҳдадории Бонк оид ба ирсоли огоҳинома ба Мизоҷ, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Шартномаи универсалӣ пешбинӣ кардааст, дар сурате иҷрошуда ҳисобида мешавад, ки огоҳинома тибқи маълумоти дар ихтиёри Бонк барои тамос бо Мизоҷ мавҷудбуда ирсол карда мешавад.

г) на камтар аз 1 (як) мартиба дар як моҳи тақвимӣ, ки аз рузи аввал то рузи охирини моҳро дар бар мегирад, оиди шартҳои шартномаи универсалӣ мустақилона маълумот гирад. Маълумот дар шакли ҳуҷҷатҳои электронӣ дар сомонаи расмии Бонк www.ibt.tj ҷойгир карда мешавад ва аз санаи дар сомонаи мазкур интишор шуданаш ба таври дахлдор ба маълумоти мизоҷ расонидашуда ҳисобида мешавад. Бонк ҳуқуқ дорад маълумоти мазкурро тавассути дигар воситаҳои хизматрасонии фосилавӣ ба мизоҷ ирсол намояд. Дар чунин ҳолат низ аз санаи аз ҷониби Бонк ирсол намудани чунин маълумот ба таври дахлдор ба маълумоти мизоҷ расонидашуда ҳисобида мешавад.

д) мизоҷ бо нишон додани маълумоти шахсӣ дар Пурсишнома/Ариза дар бораи ҳамроҳшавӣ ва дигар ҳуҷҷатҳо, ба Бонк ва/ё Шарикони Бонк иҷозат медиҳад, ки маълумоти шахсии худаш ва шахсоне, дар Пурсишнома/аризааш, ки бо мақсади иҷрои Шартномаи универсалӣ пешниҳод кардаанд, коркард намоянд.

Ҳамзамон, Мизоҷ барои оқибатҳои манфии дорои хусусияти молумулкӣ, ки бо вайрон кардани талаботи гирифтани чунин ризоият барои коркарди маълумоти шахсии ӯ аз ҷониби Бонк сар задааст, худаш ҷавобгар мебошад.

е) бозхонди ризоият ба коркард, истифода ва нигахдории маълумоти шахсии шахсони дар банди "д"-и ҳамин шартнома зикршуда, ки гирифтани онҳо барои ноил шудан ба мақсадҳои дар ҳамин шартнома пешбинишуда зарур ё ҳатмӣ мебошанд, аз ҷумла, бидуни маҳдудият, бо роҳҳои зерин: ҷамъоварӣ, низомсозӣ, нигоҳдорӣ, навсозӣ, тағйир додан, истифода бурдан, тақсимот (аз

ҷумла интиқол), манъ кардан, нобуд кардан, интиқоли фаромарзӣ, инчунин иҷрои ҳама гуна амалҳои дигар бо маълумоти шахсии аз ҷониби мизоҷон пешниҳодшуда, бо назардошти қонунҳои амалкунанда, инчунин бозхонди розигӣ ба истифодаи маълумоти шахсии ба Бонк барои ноил шудан ба ҳадафҳои дар ин ҳуҷҷат пешбинишуда ба шахси сеюм додашуда (аз ҷумла ташкилотҳои ғайрикредитӣ, ғайрибонкӣ, инчунин Шарикон, агентҳо ва дигар шахсони ваколатдор), инчунин ҳангоми пешниҳоди хизматрасонӣ ба мақсадҳои зикршуда (Ширикони) шахсони сеюм бо ҳуқуқи коркарди маблағҳои интиқолшуда ҷалб карда мешаванд, асосҳои якҷониба қатъ кардани Шартномаи универсалӣ аз ҷониби Бонк аз рӯзи бозхонди ризоиятҳои дар ҳамин банди мазкур нишондодашуда. Дар сурати қатъ гардидани Шартномаи универсалӣ бо асосҳои дар ҳамин банди мазкур пешбинигардида суратҳисобҳои дар Бонк кушодашудаи мизоҷ аз рӯзи қатъ гардидани Шартномаи универсалӣ баста мешаванд. Тарафҳо ба созиш омадаанд, ки ҳангоми қатъ гардидани шартномаи универсалӣ аз рӯи асосҳои дар ҳамин банд пешбинишуда розигии иловагии Тарафҳо талаб карда намешавад.

ж) ба Бонк ҳуҷҷатҳои дар замимаи №1 “Номгӯи ҳуҷҷатҳое, ки мизоҷ барои ҳамроҳшавӣ ба шартҳои шартномаи универсалӣ пешниҳод менамояд” ҳамин шартномаи универсалӣ муқарраршударо дар таҳрири нав бо назардошти тағйиру иловаҳо дар давоми 3 (се) рӯзи корӣ аз рӯзи ворид намудани чунин тағйиротҳо ва ё қайди давлатии чунин тағйиротҳо, аз ҷумла маълумоти ба шахсе, ки ҳуқуқи ихтиёрдории суратҳисобҳоро дорад, пешниҳод намояд.

з) ҳамаи уҳдадориҳои қаарзиашро бо назардошти ноустуворона, агар он тибқи шартномаи универсалӣ ҳисоб карда шуда бошад, ба Бонк пардохт намояд.

и) дар бораи аз тарафи шахсони бегона имконпазирии дастрасӣ ба Интернет - Бонк/Бонки Мобилӣ ва/ё дигар канали хизматрасониҳои фосилавӣ, аз ҷумла дар ҳолати дуздӣ, гум шудани Корт ва/ё дастгоҳи Мизоҷ ва /ё рақами Мизоҷ фавран Бонкро огоҳ намояд.  Дар сурати сари вақт огоҳ накардани Бонк дар бораи чунин ҳолатҳо, Бонк дар назди Мизоҷ барои зарари бевосита ё бавосита ба Мизоҷ дар натиҷаи амалҳои ғайриқонунӣ/қаллобии шахсони сеюм ҷавобгар намебошад.

к) таъмини нигаҳдории бехатарии Рамзҳои дастрасӣ ва маълумоти аутентификатсия, таъмини махфияти калидҳои Имзои электронӣ, аз ҷумла, пешгирӣ намудани истифодаи онҳо аз ҷониби шахсони сеюм, андешидани чораҳо оид ба пешгирии дастрасӣ ба кодҳои дастрасӣ, маълумоти аутентификатсионӣ, ИЭ. Дар бораи ҳама гуна вайронкунии махфият фавран ба Бонк хабар диҳад. То он даме, ки Бонк дар бораи вайрон кардани махфият огоҳ карда нашавад, Бонк дар назди Мизоҷ барои амалҳои

ғайриқонунӣ/қаллобии шахсони сеюм, зарари мустақим ва/ё ғайримустақим ба Мизоҷ дар натиҷаи чунин амалҳо аз ҷумла: Барои фармоишҳое, ки аз ҷониби Бонк аз рӯи суратҳисоби Мизоҷ иҷро шудаанд, аз ҷониби шахсони беиҷозат ба Бонк ирсолшуда, ки ба Рамзҳои дастрасӣ, маълумоти аутентификатсионӣ, имзоҳои электронӣ ғайриқонунӣ дастрасӣ доранд ва аз ҷониби Бонк барои иҷро қабул карда шудаанд ва ғайра ҷавобагар нест.

л) дар давоми 3 (се) рӯзи корӣ ба Бонк дар бораи ҳамаи тағйироти марбут ба маълумоти шахсӣ пешниҳодкардаи худ ба таври хаттӣ хабар диҳад, инчунин дурустии маълумоти пешниҳодшударо на камтар аз 1 (як) маротиба дар як сол тасдиқ намояд. Набудани тасдиқи хаттии Мизоҷ маънои эътиборнокии маълумотҳои ҳангоми ҳамроҳшавӣ ба шартномаи универсалиро дорад.

м) мизоҷ вазифадор аст, ки ҳангоми кушодани суратҳисоби якуми бонкӣ ба Бонк дар бораи мақоми андозсупорандаи хориҷӣ ва андозсупорандаи ИМА доштан ё надоштанаш маълумот диҳад, инчунин дар бораи мавҷудият ва тағйири мақоми андозсупорандаи хориҷӣ ва андозсупорандаи ИМА дар давоми 15 (понздаҳ) шабонаруз, аз санаи чунин тағйирот, ба бонк маълумот пешниҳод намояд.

н) бо талаби Бонк, ҷуброни зарари ба Бонк дар натиҷаи иҷро накардан/вайрон кардани шартҳо, қоидаҳо ва талаботи муқаррарнамудаи Шартномаи универсалӣ ва/ё қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон расонидашударо ҷуброн намояд.

о) мизоҷ/шахсони ваколатдори Мизоҷ, ки калиди оддии имзои электрониро эҷод ва (ё) истифода мебаранд, вазифадоранд, ки ин калидҳоро махфӣ нигоҳ доранд.

п) дар бораи тағйирот дар ҳуҷҷатҳо ва маълумот ва/ё ҳолатҳое, ки ба мақоми резиденти андозии Мизоҷ, бенефитсиарҳо ва/ё шахсони бевосита ё ғайримустақими онҳоро назорат мекунанд, ба Бонк фавран хабар дода, дар давоми 3 (се) рӯзи тақвимӣ ба Бонк ҳуҷҷату маълумоти дахлдор пешниҳод намояд.

3.04. Бонк ҳуқуқ дорад:

а) аз Мизоҷ ва ё намояндаи Мизоҷ талаб намояд, ки ҳуҷҷатҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шартномаи универсалӣ барои мушаххас намудани шахсияти мизоҷ ва молик бенефитсиарро муқарраршударо ба Бонк пешниҳод намоянд ва дар ҳолатҳои зарурӣ аз нав пешниҳод намоянд.

б) ҳуҷҷатҳо ва маълумотҳоеро, ки аз тарафи Мизоҷ, намояндаи ваколатдори ӯро, ки барои бастани шартномаи универсалӣ пешниҳод шудаанд, бевосита ва ё бо ҷалби шахсони сеюм санҷад.

в) тибқи тартиби муқаррарнамудаи шартномаи универсалӣ шахсони сеюмро баро иҷрои уҳдадориҳо ҷалб намояд.

г) ҳангоми бастани Шартномаҳо, инчунин ҳангоми дилхоҳ муроҷиати Мизоҷ ба Бонк сабт, аксбардорӣ, аудио ва видео, аз ҷумла сабти гуфтугӯҳои телефониро бидуни огоҳ кардани мизоҷ (намояндагони ӯ) аз чунин сабт амалӣ намояд. Мизоҷ розӣ аст, ки Бонк ҳуқуқ дорад чунин сабтҳоро дар давоми 5 (панҷ) сол аз рӯзи қатъ шудани муносибатҳо бо Мизоҷ нигоҳ дорад, инчунин онҳоро дар ҳама гуна тафтишоти вобаста ба шартномаи универсалӣ ва/ё Шартномаҳои алоҳида истифода барад.

д) аз Мизоҷ дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шартҳои Шартномаи универсалӣ (шартномаҳои алоҳида мутобиқи Шартҳои умумӣ), ҳуҷҷатҳои дахлдор, аз ҷумла ҳуҷҷатҳо ва маълумотҳои тасдиққунанда дар бораи резиденти андоз будан, оиди ҳолати молиявӣ, мақсади муқаррар намудани муносибатҳои тиҷоратӣ бо бонк, мақсадҳои фаъолияти молиявию хоҷагӣ, обрӯю нуфӯз, эътибори корӣ, сарчашмаи пайдоиши маблағҳои Мизоҷ, бенефитсиар, шахсоне, ки мустақиман ё ба восита онҳоро назорат мекунанд, инчунин дигар ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаро талаб намояд.

е) дар асосҳои пешниҳоднамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои Бонки миллии Тоҷикистон, шартномаи универсалии мазкур ва дигар санадҳои дохилии бонк, ҳуқуқи рад кардани аризаи мизоҷонро барои ҳамроҳшавӣ ба шартномаи универсалӣ дар худ маҳфуз дорад.

ж) тибқи қоидаҳои дохилии Бонк ва дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон Шартномаи (Шартномаҳои алоҳида тибқи шартҳои умумӣ) универсалиро бо Мизоҷон қатъ намояд.

з) аз иҷрои супориши Мизоҷ оид ба анҷом додани амалиёте, ки барои он ҳуҷҷат пешниҳод нашудааст, аз ҷумла бо мақсади мушаххассозӣ, инчунин тибқи қоидаҳои дохилии Бонк ва дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон даст кашад.

и) мутобиқи қонунгузории амалкунанда ҳуқуқҳои худро тибқи дилхоҳ шартномаҳо бо мизоҷ, ба шахсони сеюм, аз ҷумла ба шахсоне, ки иҷозатномаи фаъолияти бонкӣ надоранд гузашт намояд ва ё ба тариқи дигар ихтиёрдорӣ намояд. Бо мақсадҳои чунин гузашткунӣ, Бонк ҳуқуқ дорад ба ҳама гуна вориси воқеӣ ё эҳтимолӣ ҳар гуна маълумотро дар бораи мизоҷ ва қарзҳои ӯ тибқи шартҳои истифодаи махфӣ диҳад.

к) бе огоҳии Мизоҷ амалиёти хаторо бекор кунад.

л) ҳангоми бекор кардани амалиёти хато дар давраи аз рӯзи коркарди амалиёти хато то бекор кардани он фоизҳо (агар чунин шарт дар тарофаҳо пешбинӣ шуда бошад.) ҳисоб накунад.

м) бинобар аз тарафи Мизоҷ ва ё намояндаи ваккoлатдори ӯ пешниҳод накардани ҳуҷҷатҳо, ки тибқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тартиботи дохилии бонк барои мушаххас намудани мизоҷ ва ё намояндаи ӯ заруранд, хизматрасонии Корт/Токенро манъ ва ё маҳдуд намояд.

н) ҳангоми ситонидани комиссияҳо ва пардохтҳо бо назардошти ААИ, ҳисобнома-фактура пешниҳод накунад.

о) бе огоҳии иловагӣ ба Мизоҷ ситонидани Боҷҳо, Комиссияҳо ва/ё ҷаримаҳои дар Нақшаи Тарофавӣ пешбинишударо кам ва/ё бекор кунад.

п) мизоҷонро бо хизматрасонии иттилоотӣ ва огоҳӣ оид ба амалиёт ҳангоми кушодани суратҳисоби бонкӣ пайваст кунад.

3.05. Мизоҷ ҳуқуқ дорад:

а) дар асоси Шартномаи универсалӣ, ки Мизоҷ ба шартҳои он ҳамроҳ шудааст, суратҳисоби дуюм ва минбаъда кушояд ва/ё барои дигар маҳсулоти Бонк бо ирсоли аризаи дахлдор бо истифода аз Интернет-Банк/Бонки Мобилӣ ва /ё дигар воситаҳои хизматрасониҳои фосилавӣ муроҷиат намуда, шартномаҳои алоҳида бандад.

б) ба Бонк муроҷиат намуда, рамзҳои дастрасӣ ва/ё маълумоти аутентификатсиониашро тағйир диҳад.

в) ҳаҷми хизматрасониҳои маҷмӯии бонкӣ/тарофаҳо дар доираи ҳудуди муқарраргардидаи хизматрасонӣ, пайваст кардан/қатъ кардани хизматрасониҳои иловагӣ (агар Бонк чунин хизматрасонӣ дошта бошад), рад кардани хизматрасонӣ, Иттиллотонӣ ва огоҳӣ аз амалиёти пешниҳоднамудаи Бонк ҳангоми кушодани суратҳисоби бонкиро интихоб намояд.

г) аз Бонк маълумоти заруриро дар доираи иҷрои Шартҳои шартномаи универсалии мазкур талаб намояд;

д) амалиётҳои заруриро бо риояи шартҳои шартномаи универсалӣ аз рӯи суратҳисоб, аз ҷумла ба воситаи корти бонкӣ дар доираи маблағи боқимонда дар суратҳисоб, бо назардошти меъёри пардохтии корт гузаронад;

е) барои кушодан, ихтиёрдории суратҳисоб ва дигар амалиётҳои бонкӣ ба шахси сеюм ваколатнома диҳад;

ж) ба Бонк барои бекор кардани шартномаи универсалӣ муроҷиат намояд;

з) дар дилхоҳ вақт бо қурби расмии аз тарафи Бонк муқаррааргардида дар сомонаи расмии Бонк www.ibt.tj ва ё афзораки бонки мобилии “ibt24” шинос шавад;

и) дар доираи Шартҳои шартномаи универсалӣ ба Бонк ба воситаи зангҳои телефонӣ, почтаи электронӣ ва дигар роҳҳои муайяннамудаи Бонк бо дархост оид ба пешниҳоди хизматрасонии бонкии дигари пешбининамудаи Бонк ва пешниҳоди иттилоот оид ба амалиётҳо, суратҳисобҳо ва дигар хизматрасониҳои бонкӣ муроҷиат намояд;

к) дигар ҳуқуқҳое, ки Шартномаи универсалӣ ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст, амалӣ намояд.

# 4. ТАРТИБИ ХИЗМАТРАСОНИИ ФОСИЛАВӢ.

4.01. Ба каналҳои (шабакаҳо/воситаҳо) хизматрасонии фосилавӣ инҳо дохил мешаванд:

- ✓ Маркази хизматрасониҳои фосилавии Бонкӣ - тавассути телефон хизматрасонӣ анҷом медиҳанд.
- ✓ Интернет-бонк, Бонки Мобилӣ ва дигар каналҳои хидматрасонии интернетӣ, аз ҷумла замимаҳо, ки дар сомонаҳои Шарикон дар Интернет ҷойгир шудаанд ва хизматрасонии ирсоли паёмак.
- ✓ Банкоматҳо ва терминалҳои худхизматрасон.
- ✓ Иттиллоотонӣ, хабар додан оиди амалиёт.

4.02. Дар доираи хизматрасонии фосилавӣ, Бонк ба Мизоҷ маълумотро дар доираи Шартномаи универсалӣ тавассути ирсоли маълумот ба реквизитҳои тамоси Мизоҷ, ки дар Ариза оид ба ҳамроҳшавӣ/Ариза нишон дода шудааст ва/ё баъдан аз ҷониби Мизоҷ ба Бонк бо тартиби муқаррарнамудаи ҳамин шартнома пешниҳод карда мешавад, пешниҳод менамояд.

4.03. Барои анҷом додани транзаксияҳо аз ҷониби Мизоҷ тавассути каналҳои Хизматрасониҳои фосилавӣ, рамзҳои дастрасӣ/маълумоти аутентификатсионӣ/имзои оддии электронӣ истифода мешаванд, ки аналог (шабеҳ) - и имзои дастнавис мебошанд.

4.04. Мизоҷ розӣ аст, ки амалиётҳое, ки бо истифода аз маълумоти аутентификатсия ва/ё рамзҳои дастрасӣ анҷом дода шудаанд, аз ҷониби Мизоҷ иҷрошуда эътироф карда мешаванд ва мавриди баҳс қарор намегиранд, ба истиснои ҳолатҳои дар қонун пешбинишуда.

4.05. Бонк ҳуқуқ дорад дар сурати мавҷуд набудани имкони техникӣ, дар сурати мавҷуд будани асос барои гумони дастрасии ашхоси беиҷозат ба маблағ ва маълумоти Мизоҷ, инчунин дар ҳолатҳои мавҷуд будани имкони техникӣ, дар пешниҳоди хизматрасонӣ тавассути каналҳои Хизматрасониҳои фосилавӣ маҳдудият муқаррар намояд, ки дар қонунгузории Ҷумҳурии

Тоҷикистон/Шартномаи универсалӣ/Қоидаҳои дохилии Бонк пешбинӣ шудаанд.

4.06. Мизоҷ розӣ аст, ки Бонк барои камбудиҳо ва радди хизматрасонии фосилавӣ вобаста ба корношоямӣ дар кори таҷҳизоти алоқа ва/ё шабакаҳои алоқа ва зарари вобаста ба ҳолатҳои мазкур ба миёномада ҷавобгар нест.

4.07. Бонк ҳуқуқ дорад аз қабули дархостҳои мизоҷ оиди анҷом додани амалиётҳо аз рӯи суратҳисоби бонкӣ, суратҳисоби пасандозиро тавассути хизматрасониҳои фосилавӣ рад намуда, ҳуҷҷатҳои ҳисоббаробаркуниро танҳо дар ҳомили қоғазӣ қабул намояд.

4.08. Барои истифодаи каналҳои хизматрасониҳои фосилавӣ, Мизоҷ мустақилона пайвастшавӣ ба каналҳои электронӣ, аз ҷумла алоқаи мобилӣ ва/ё дастгирии функсияҳои заруриро дар дастгоҳҳои худ (телефон, смартфон, планшет, компютер ва ғ.) ва бо оператори алоқаи худ таъмин менамояд.

4.09. Хизматрасонӣ тавассути телефон:

а) Мизоҷ метавонад барои гирифтани маълумот оид ба Шартномаи универсалӣ, инчунин дигар хизматрасониҳои аз ҷониби Бонк пешниҳодшуда аз хидматрасонии телефонии Бонк истифода барад.

б) Мизоҷ розӣ аст, ки истифодаи Рамзҳои Дастрасӣ барои мушаххаснамоии ӯ, намояндаи ваколатдораш, инчунин аналог (шабеҳ)-и имзои дастнависи ӯ ва намояндаи ваколатдораш зарур ва кофӣ мебошад.

в) Мизоҷ медонад ва дарк менамояд, ки хатҳои телефон барои доду гирифти иттиллот бехатар нестанд ва бар зомми ин ба доду гирифти фармоишҳо ва/ё маълумот тавассути телефон розӣ аст мебошад.

4.10. Химатрасонӣ тавассути шабакаи интернет

а) Мизоҷ метавонад аз химатрасониҳои Бонк тавассути Интернет Бонк, Бонки Мобилӣ ва дигар каналҳои Хизматрасонии Интернетии фосилавӣ барои гирифтани маълумот ва анҷом додани амалиётҳо тибқи тартиби дахлдор истифода барад.

б) Дар ҳолатҳо ва тартиби муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, Мизоҷ метавонад маълумоти аутентификатсиониашро тағйир диҳад.

в) Мизоҷ розӣ аст, ки истифодаи маълумоти аутентификатсионӣ, аз ҷумла рамзҳои беназири аз ҷониби Бонк тавлидшуда ва ба Мизоҷ ба рақами Мизоҷ ва/ё дастгоҳи Мизоҷ фиристодашуда, тасдиқи дуруст ва кофии шахсони ваколатдори Мизоҷ, тасдиқи ҳуқуқи анҷом додани амалиёт тавассути Интернет ва муодили имзои дастнависи шахсони ваколатдори Мизоҷ ба ҳисоб меравад.

4.11. Хизматрасонӣ тавассути банкоматҳо ва терминалҳои худхизматрасон:

а) Бо назардошти имкони техникӣ Мизоҷ тавассути банкомат ва терминали худхизматрасон метавонад амалиёти зеринро анҷом диҳад:

- ✓ пур кардан ва гирифтани пули нақд бо асъори тибқи Шартнома ва бо асъори ғайр аз асъори Шартнома;
- ✓ гирифтани маълумот дар бораи бақияи мавҷудаи маблағ дар Корт;
- ✓ пардохт намудани дигар хизматрасониҳо;
- ✓ ва дигар амалиёт бо салоҳдиди Бонк.

б) Дар сурати мавҷуд набудан/нокифоя будани маблағ дар Корт барои гирифтани пули нақд тавассути банкомат, ҳисоббаробаркунӣ гузаронида намешавад, дар чунин ҳолат Бонк хизматрасониро пешниҳод намекунад.

в) Бонк Мизоҷро дар бораи амалиёти бо истифода аз банкоматҳо анҷомдодашуда тавассути нишон додани маълумоти дахлдор дар экрани банкомат/тавассути каналҳои Хизматрасонии фосилавӣ ва ба тариқи дигар бо салоҳдиди Бонк огоҳ мекунад.

4.12. Иттиллотонӣ , хабар додан оиди амалиёт:

а) Иттиллоотонӣ – хизматрасонии Бонк, ки ба рақами абонентӣ/дастгоҳи абонентии Мизоҷ пайваст аст ва ба Мизоҷ имкон медиҳад, ки тибқи Шартнома маълумотҳои зеринро гирад:

- ✓ дар бораи тағйир додани шартҳои Шартнома, Ариза/дархост;
- ✓ оид ба иҷрои амалҳои ғайримолиявӣ тибқи шартнома;
- ✓ Иқтибос/тағйир додани мақоми Корт/Токен;
- ✓ маълумоти дигар бо салоҳдиди Бонк.

б) Огоҳинома оиди амалиёт – хизматрасонии Бонк, ки ба Мизоҷ пайваст буда, ба Мизоҷ имкон медиҳад, ки дар вақти воқеӣ аз рақами абонентӣ ва/ё Дастгоҳи абонентии Мизоҷ маълумот дар бораи иҷрои амалиёти молиявӣ дар доираи Шартнома ва дигар маълумотро мувофиқи салоҳдиди гирад.

в) Барои истифодаи хизматрасонии мазкур Мизоҷ мустақилона дастгирии функсияҳои SMS-ро дар дастгоҳи абонентии худ (телефон, смартфон, планшет ва ғ.) ва бо оператори мобилии худ таъмин менамояд.

## 5. МУҲЛАТИ АМАЛ, ТАРТИБИ ТАҒЙИР ДОДАН ВА КАТЪ КАРДАНИ ШАРТНОМАИ УНИВЕРСАЛӢ.

5.01. Мизоҷ ба Шартномаи универсалӣ аз лаҳзаи аз ҷониби Бонк аксепт (қабул) намудани Пурсишнома/Ариза-офертаи Мизоҷ ҳамроҳшуда ба ҳисоб меравад ва муҳлати он бемаҳдуд аст;

5.02. Мутобиқи қисми 1 моддаи 482 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон Тарафҳо ба мувофиқа расиданд, ки Бонк ҳуқуқ дорад шартҳои Шартномаи универсалӣ (шартномаҳои алоҳида тибқи Шартҳои умумӣ)-ро якҷониба тағйир диҳад, ба онҳо шарти нав илова намояд, аз ҷумла таҳрири нави Шартҳо, Аризаи ҳамроҳшавӣ/Ариза, Пурсишнома, Ариза – офертаи Мизоҷ ва Тарофаҳои Бонкро якҷониба тасдиқ намуда, оиди ин тағйиротҳо Мизоҷро тавассути Интернет-Бонк/Бонки мобилӣ ва ё тавассути дигар

хизматрасониҳои фосилавӣ ва ё интишори онҳо дар сомонаи расмии Бонк (тибқи салоҳдиди Бонк) огоҳ намояд.

5.03. Ҳамаи тағйиру иловаҳо ба шартҳои шартномаи унверсалӣ, ҳамчунин тағйиротҳо дар тарофҳои Бонк дар давоми 7 (ҳафт) рӯзи тақвимӣ аз рӯзи нашри маълумот дар сомонаи расмии Бонк ё ин ки аз лаҳзаи аз ҷониби Бонк тавассути Интернет – Бонк/Бонки мобилӣ/ё ин ки дигар шабакаҳо/воситаҳои хизматрасонии фосилавӣ ирсол намудани маълумоти дахлдор ба қувваи амал даромада, иҷроишаш барои Тарафҳо ҳатмӣ мегардад.

2.6. Бо мақсади пешгирии амалҳои ғайриқонунӣ оид ба гирифтани тамоми маблағҳои пулӣ аз суратҳисоби бонкӣ ҳудуди ҳаррӯзаи маблағи амалиёти кортҳои бонкиро муқаррар намуда, ҳамзамон хизматрасонии огоҳинома дар бораи амалиёти анҷомёфтаро фаъол созед (масалан, огоҳинома тавассути SMS паёмакҳо).

2.7. Агар ҳангоми анҷом додани амалиёт бо корти бонкӣ дар банкомат, банкомат корти бонкиро барнагардонад, шумо бояд ба бонк бо рақами телефони дар банкомат нишондодашуда занг зада, ҳолатҳои ҳодисаро фаҳмонед ва аз рӯи тавсияи бонк амал намоед.

2.8. Дорандаи корт бояд тамоми ҳуҷҷатҳоро оид ба амалиёти бо истифода аз Корт то анҷоми ҳама даъвоҳо оид ба ҳисоботи навбатӣ нигоҳ дорад.

2.9. Ин ҳуҷҷатҳо дар ҳалли масъалаҳои гуногун аз ҷумла мақомоти гумрук ва дигар мақомоти назоратӣ муфид буда метавонанд, масалан, расид ҳамчун далели қонунии гирифтан ва сарфи маблағҳо хизмат карда метавонад.

2.10. Дар сурати харидани молу хизматрасонихо бо пардохти ғайринақдӣ тавассути интиколи бонкӣ, инчунин гирифтани пули нақд бо истифода аз корти бонкӣ Дорандаи чунин Корт ба Бонк супориш медиҳад, ки маблағхои дахлдорро аз суратҳисоби ҳисоббаробаркунӣ бо истифода аз кортҳои бонкӣ бе акцепт аз ҳисоб барорад.

2.11. Харҷ аз суратҳисоб барои ҳисоббаробаркуниҳо бо истифода аз Кортҳо танҳо барои амалиёти бо истифода аз Корт анҷомдодашуда ё ҳангоми баргардонидани маблағ ҳангоми бастани суратҳисоб сурат мегирад. Инчунин, маблағҳо аз суратҳисоб бе аксепт барои пардохти тарофаҳои муқаррарнамудаи Бонк ситонида мешаванд.

2.12. Мизоҷ вазифадор аст, ки ҳангоми ҳисобаробаркуниҳо бо кортҳои бонкӣ ба ба вуҷуд омадани овердрафт (қарз)-и техникӣ роҳ надиҳад. Дар мавриди ба миён омадани овердрафти техникӣ Бонк тибқи тартиби муқаррар намудаи Тарофа фоиз ҳисоб, онро онро аз Дорандаи корт меситонад. Бонк ҳуқуқи

боздоштани кортро то он лаҳзаи аз тарафи Дорандаи корт пурра пардохт намудани уҳдадориҳои қарзиаш, нигоҳ медорад.

2.13. Ҳангоми сафар ба хориҷа ба Дорандаи Корт тавсия дода мешавад, ки барои гирифтани маслиҳати иловагӣ оид ба истифодаи корт (пардохт барои харид, пардохт барои ҷойгиронии меҳмонхона ва ғайра) ба бонк муроҷиат намояд.

## 3. ГУМ КАРДАНИ КОРТИ БОНКӢ ВА Ё ГУМОНИ ИСТИФОДАИ ҒАЙРИҚОНУНИИ ОН

3.1. Дорандаи корт вазифадор аст, ки барои пешгирии гум шудани (дузди) Корт ва ПИН ё истифодаи ғайриқонунӣ/беиҷозати онҳо чораҳо андешад.

3.2. PIN - рақами мушаххаси шахсӣ, рақами 4-рақама, ба соҳиби Корт дар лифофаи махсуси мӯҳршуда дода мешавад. PIN аналоги имзои дастнавис ҳангоми анҷом додани амалиёт мебошад ва бонк барои амалиётҳое, ки бо ворид кардани рамзи PIN анҷом дода мешавад, ҷавобгар нест. Тавсия дода мешавад, ки PIN-ро дар хотир дошта, лифофаи PIN-ро дар ҷои бехатар, барои шахсони бегона дастнорас нигоҳ доред. Нигоҳ доштани рамзи PIN якҷоя бо корт, навиштани рақами корт дар PIN-лифофа манъ аст.

3.3. Ҳангоми ошкор шудани гум кардани Корт ва/ё рамзи ПИН, хабари истифодаи беиҷозати он; агар бо ягон сабаб Корт аз ҷониби банкомат ба Доранда баргардонида нашавад, инчунин дар робита ба ҳама гуна ҳолатҳои ба ин монанд, Дорандаи корт вазифадор аст, ки дар ин бора ба Бонк тавассути телефони. 44-640-03-03 ё 44-625-77-77 ё бо рақами телефоне, ки дар тарафи паси Корт нишон дода шудааст, хабар диҳад.

3.4. Ҳама гуна дархости шифоҳии Дорандаи Корт дар бораи бастани корт, ҳолатҳои гум шудани Корт ва/ё ПИН-код ё хабар дар бораи истифодаи ғайриқонунии онҳо, инчунин маълумоте, ки Дорандаи корт кай ва дар куҷо дар бораи ҳодисаи рухдода бояд бо аризаи хаттии ба номи Бонк ирсолшуда тасдиқ карда шавад. Ариза ба таври лозима ирсолшуда ҳисобида мешавад, агар он тавассути факс, почтаи фармоишӣ бо тасдиқи қабул ё бевосита ба корманди Бонк, ки барои хизматрасонӣ ба Дорандаи корт масъул аст, дода шуда бошад.

3.5. Бонк ҳуқуқ дорад маълумоти гирифташударо дар бораи гум шудан ва/ё баста шудани корт ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ барои андешидани чораҳои зарурӣ супорад ё насупорад.

3.6. Дар сурати ошкор шудани Корт, ки қаблан гумшуда ё ғайриқонунӣ истифода шудааст, Дорандаи корт бояд фавран Бонкро дар ин бора огоҳ созад ва сипас Кортро ба Бонк баргардонад.

| | |
|---|---|
| **Ариза – офертаи Мизоҷ ба ҶСП “Бонки байналмилалии Тоҷикистон” (минбаъд – “Бонк”) оиди ҳамроҳшавӣ ба Шартномаи универсалӣ “оиди хизматрасонии маҷмӯии бонкӣ ба шахсони воқеӣ” ва дастрас намудани корти пардохтӣ № Cart-DU-0000 аз аз “____” __________ соли 20___** | **ЗАМИМАИ №2-2 ба шартҳои умумии кушодан, пешбурд ва бастани ҳисоби бонкӣ ва шартҳои пешниҳод ва истифодабарии кортҳои бонкӣ”-и Шартномаи универсалӣ “оиди хизматрасонии маҷмӯии бонкӣ ба шахсони воқеӣ”** |

1. Бо Ариза – офертаи мазкур, ман:

| | | | |
|---|---|---|---|
| Ному Насаб | *автоматӣ* | Суроғаи қайд | *автоматӣ* |
| № Шиносномa | *автоматӣ* | Суроғаи воқеӣ | *автоматӣ* |
| Санаи таваллуд | *автоматӣ* | Суроғаи электронӣ | *автоматӣ* |
| Телефон | *автоматӣ* | РМА | *автоматӣ* |
| Шаҳрвандӣ | *автоматӣ* | Калимаи рамзӣ | *дастӣ* |

дар зер имзокунанда, ба сифати мизоҷ ба суроғаи Бонк Ариза-офертаи худро пешниҳод намуда, ба **Шартномаи универсалӣ “оиди хизматрасонии маҷмӯии бонкӣ ба шахсони воқеӣ” ҳамроҳ шуда**, хоҳиш менамоям, ки бо ман шартнома(ҳо)и амонат/корти пардохтии бонкӣ/суратҳисоби бонкӣ (ба шарти тамоми ҳуҷҷатҳои зарурииро гирифтани бонк) бо шартҳои зерин бандед:

1.1. Номгӯи хизматрасонӣ:

| | | | |
|---|---|---|---|
| Номи маҳсулоти бонкӣ | Корти пардохтӣ (справочник) | Навъ | Виза... (справочник) |

2. Тасдиқ менамоям, ки ҳамаи маълумоти дар боло зикршуда пурра ва дуруст мебошанд. Ман дарк менамоям, ки пешниҳоди Ариза –офертаи мазкур ба ман кафолати пешниҳоди хизматрасонии мазкурро намедиҳад.

2.1. Хоҳиш менамоям, ки корти баровардашаванда ба хизматрасонӣ тавассути паёмак (СМС) пайваст карда шавад. Бо шартҳои пешниҳоди хизматрасонии мазкур шинос шудам ва розӣ ҳастам

2.2. Барои аз тарафи бонк ва шахсони ваколатдор/вобастаи он ба ман ирсол намудани маълумотҳо тавассути шабакаҳои алоқаи мобилӣ розигӣ медиҳам.

3. Бо аризаи мазкур тасдиқ менамоям, ки Шартномаи универсалӣ “Оиди хизматрасонии маҷмӯии бонкӣ ба шахсони воқеӣ”, дар ҳаҷми пурра, аз ҷумла масъулияти тарафҳо, тарофаҳои Бонк ва тартиби ворид намудани тағйиру иловаҳо ба шартнома пеш аз имзои Ариза – офертаи мазкур ба ман фаҳмонида шуд, моҳияти он ба ман фаҳмо аст ва розӣ ҳастам, ки онҳоро риоя намоям.

4. Ариза – офертаи мазкур аз ҷониби ман бо хоҳиши худ амалӣ карда мешавад. Шартномаи амонат/пасандози бонкӣ аз лаҳзаи ба суратҳисоби ман ворид шудани маблағҳоям, шартномаи суратҳисоби бонкӣ аз лаҳзаи ба номи ман кушодани суратҳиобӣ бонкӣ ва шартномаи корти пардохтии бонкӣ аз лаҳзаи аз тарафи ман ва ё намояндаи ваколатдорам тариқи хаттӣ тасдиқ намудани дастрас шудани корти пардохтии бонкии дахлдор басташуда ҳисобида мешавад.

<table>
<tr><td colspan="3">“МИЗОҶ”<br>НОМУ НАСАБИ МИЗОҶ ________ИМЗО________</td><td>Сана</td></tr>
<tr><td colspan="4">Ариза- офертаро қабул кардам, МИЗОҶ дар Ариза-Офертаи мазкур дар хузури ман имзо гузошт.</td></tr>
<tr><td colspan="4">ҶСП «Бонки байналмилалии Тоҷикистон»<br>Филиали бонк дар ш.Хучанд, РМА: 020043405, тел: (+992 44) 640-03-03<br>Сардори филиал НОМУ НАСАБ ________ИМЗО________<br>Коршиноси қарзӣ: ____________ НОМУ НАСАБИ КОРМАНДИ БОНК<br>Нозир оид ба назорати қарз: ____________ НОМУ НАСАБИ КОРМАНДИ БОНК</td></tr>
<tr><td>Корти бонкӣ ва ПИН лифофаро дар шакли мухрбаста гирифтам</td><td>Ному насаби аризадиҳанда</td><td>Имзои аризадиҳанда</td><td>Санаи гирифтан</td></tr>
<tr><td></td><td></td><td></td><td></td></tr>
</table>

# ЗАМИМАИ №3 – ШАРТҲОИ УМУМИИ ПЕШНИҲОДИ ҚАРЗ БА ШАХСОНИ ВОҚЕӢ, ЗАМОНАТ ВА ГАРАВИ МОЛУ МУЛКИ МАНҚУЛ

## 1. МАФҲУМ ВА ИСТИЛОҲОТИ АСОСӢ

1.1. Барои мақсадҳои ҳуҷҷати мазкур мафҳумҳо, истилоҳот ва ихтисороти зерин истифода мешаванд:

- **Бонк** - ҶСП “Бонки байналмилалии Тоҷикистон”, сохтори алоҳида ва дохилии он, ки ба мизоҷон хизматрасонӣ менамоянд. Суроғаи ҳуқуқӣ: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кучаи Бухоро 27. (Иҷозатномаи БМТ № 0000060 аз 29 феврали соли 2016, аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон дода шудааст).
- **Шартҳои умумии пешниҳоди қарз ба шахсони воқеӣ, замонат ва гарави молу мулки манқул** – Шартҳои умумии мазкур, ки аз шартҳои умумии пешниҳоди қарзҳои истеъмолӣ ба шахсони воқеӣ, шартномаи қарз, шартномаи замонат ва шартномаи гарав иборат буда, ҳуқуқу уҳдадориҳо, масъулияти тарафҳо ва дигар масъалаҳоро вобаста ба қарз, замонат ва гаравро ба танзим медарорад.
- **Шартномаи қарз** – шартномае, ки байни Мизоҷ ва Бонк тавассути ҳамроҳ шудан ба шартномаи универсалӣ ва ё шартҳои умумии мазкур баста шудааст, ки дар доираи он Бонк метавонад ба мизоҷ маблағи муайянеро қарз диҳад ва қарзгир бошад ӯҳдадор мешавад, ки маблағи қарзи гирифтаашро тибқи ҷадвал ва ё огоҳномаи пардохт баргардонад ва барои истифода бурдани он бо тарз ва дар мӯҳлатҳои пешбининамудаи Ариза, шартҳои умумии мазкур фоиз пардохт намояд.
- **Санаи пардохт** – санаи баргардонидани Қарз ва пардохти фоизҳои ҳисобшуда.
- **Шартномаи замонат** – Шартномаи замонатии байни мизоҷ (зомин) ва Бонк тибқи моддаи 435 ва м. Моддаи 438-и (РФ дидан даркор) Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо қабули пешниҳоди (офертаи) Зомин аз ҷониби Бонк дар бораи додани замонат ба қарзи истеъмолии аз ҷониби Бонк ба Қарзгирандаи мушаххас баста шудааст.
- **Шартномаи гарав** – шартномае, ки байни Мизоҷ (гаравдеҳ) ва Бонк тавассути ҳамроҳ шудан ба шартҳои умумии мазкур мувофиқи моддаи 460 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон баста мешавад, ки тибқи он Бонк амволи Мизоҷ (гаравдеҳ)-ро ҳамчун барои таъмини иҷрои уҳдадориҳои қарзгир оид ба шартномаи қарз ҳамчун гарав қабул менамояд.
- **Уҳдадориҳои қарзӣ/қарздорӣ** – ин ҳамаи уҳдадориҳои мизоҷ (қарзгир) дар назди Бонк, аз ҷумла қарзи асосӣ, фоизҳо ва ҷаримаҳои ҳисобшудаи пардохтнашуда, хароҷотҳои расмии Бонк вобаста ба руёнидани маблағи қарз, ки дар ҳамин шартҳои умумӣ пешбинӣ шудаанд, ба ҳисоб меравад.
- **Ариза -** «Ариза барои гирифтани қарзи истеъмолӣ барои эҳтиёҷоти зарурӣ”, ки аз пешниҳод (оферта)-и мизоҷ (қарзгир) барои бастани шартномаи қарзӣ (Замимаи №3-1 ба ҳамин шартҳои умумӣ), пешниҳод (оферта)-и зомин барои

бастани шартномаи замонат (Замимаи №3-2 ба ҳамин шартҳои умумӣ) ва пешниҳод (оферта)-и гаравдеҳ оиди бастани шартномаи гарав (Замима №3-3 ба ҳамин шартҳои умумӣ) ва дигар шартҳои мавҷуда иборад мебошад.

- **Қарз** – маблағе, ки аз ҷониби Бонк ба Қарзгир бо шартҳои баргардонидан, пардохти фоиз ва ба мухлати муайян, дода шудааст.
- **Мизоҷ** – шахси воқеие, ки бо пешниҳоди Пурсишнома, Ариза ба шартномаи универсалӣ “оиди оиди хизматрасониҳои маҷмуии бонкӣ ба шахсони воқеӣ” ва ё яке аз шартҳои умумии он ҳамроҳ шудааст.
- **Қарзгир** - шахси воқеӣ, резиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон (шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон), ки дар бонк ба номи у суратҳисоб кушода шудааст ва бо роҳи ҳамроҳ шудан ба шартномаи универсалӣ “оиди хизматрасониҳои маҷмуии бонкӣ ба шахсони воқеӣ” ва шартҳои умумии мазкур бо бонк шартномаи қарзӣ бастааст.
- **Зомин** - шахси воқеие, ки бо пешниҳоди Ариза ба шартномаи универсалӣ “оиди хизматрасониҳои маҷмуии бонкӣ ба шахсони воқеӣ” ва ё яке аз шартҳои умумии он ҳамроҳ шудааст, инчунин барои бастани шартномаи замонатӣ барои таъминоти қарзи қарзгири мушаххас ба Бонк ариза (оферта) пешниҳод намудааст.
- **Гаравдеҳ** – мизоҷи бонк, ки тавассути ҳамроҳ шудан ба шартҳои умумии мазкур мувофиқи моддаи 460 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон бо бонк шартномаи гарав баста, молу мулкашро барои таъмини иҷрои ухдадориҳои қарзгири мушаххас оид ба шартномаи қарз дар назди Бонк ба гарав мегузорад.
- **Қарзи асосӣ** - маблағи қарзи Қарзгир, ба истиснои фоизҳо, комиссияҳо ва дигар пардохтҳо вобаста ба қарз.
- **Тарафҳо** – Бонк, Қарзгир, Зомин ва гаравдиҳанда (агар вуҷуд дошта бошанд).
- **Ҳисоби қарзӣ** – суратҳисобе, ки Бонк барои баҳисобгирии Қарзи ба Қарзгир додашуда кушодааст.
- **Суратҳисоб –** суратҳисоби ҷорӣ, ки ба номи муштарӣ дар асоси шартномаи суратҳисоби бонкӣ барои амалиётҳои хазинавию хароҷотӣ, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ, аз ҷумла гузаронидани амлиётҳо вобаста ба гирифтан ва пардохтани қарз вобастагӣ надоранд кушода шудааст.
- **Огоҳиномаи АУҚ (Арзиши умумии қарз)** – огоҳинома дар бораи маблағи умумии қарз, ки аз маблағи қарзи асосӣ, меъёри фоизи солона, мухлати баргардонидани қарз ҳаҷми пардохти ҳармоҳаи ануитет ва ғайра иборат мебошад.

1.2. Ҳама истилоҳот ва мафҳумҳое, ки дар шартҳои умумии мазкур истифода мешаванд, ҳамон маъноеро доранд, ки дар Ариза истифода мешаванд.

## 2. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

2.1. Шартҳои умумии мазкур барои ҳамаи шахсони воқеӣ шакли ягона (типовой) буда, меъёрҳои шартномаи қарз, шартномаи замонат ва шартномаи гаравро, ки байни тарафҳо баста шудааст, муқаррар менамояд.

Барои аз тарафи Бонк баррасӣ намудани имконияти пешниҳоди қарз, бастани шартномаи қарз, (замонат/гарав агар лозим бошад) мизоҷ бояд Ариза шакли тасдиқнамудаи бонкро (мувофиқан Замимаҳои №3-1 -№3-3 ба шартҳои умумии мазкур) бо дарҷи маълумотҳои дар бораи худаш, имконияти гирифтани қарзро пур ва шахсан имзо намуда, ба Бонк супорад.

Бонк мизоҷро оиди қарори қабулшуда тавассути дилхоҳ воситаҳои алоқа, ки ба худаш мувофиқ аст ва ё тавассути воситаи алоқаи дар аризаи мизоҷ дарҷшуда огоҳ менамояд.

Барои аз тарафи Бонк баррасӣ намудани пешниҳоди қарз бо замонати шахси дигар ва ё гарави молу мулки манқул Зомин/гаравдеҳ бояд Аризаи шакли тасдиқнамудаи бонкро (мувофиқан Замимаи №3-2/Замимаи №3-3 ба шартҳои умумии мазкур) бо дарҷи маълумотҳои дар бораи худаш, имконияти гирифтани қарзро пур ва шахсан имзо намуда, ба Бонк супорад.

Дар сурати қабули қарори мусбӣ бастани Шартномаи қарз, Замонат/гарав (агар вуҷуд дошта бошад) бо роҳи аз тарафи Бонк аксепти офертаи мизоҷ амалӣ карда мешавад. Офертаи мизоҷ оид ба дар маҷмӯъ ва пурра ҳамроҳ шуданаш ба Шартҳои умуми мазкур бо роҳи аз Тарафи ӯ имзо намудани Аризаи шакли тасдиқнамудаи Бонк (Замимаи №3-1/Замимаи №3-2/Замимаи №3-3 ба шартҳои умумии мазкур) ва Огоҳиномаи арзиши пурраи қарз амалӣ карда мешавад.

Санаи бастани Шартномаи қарз/Замонат/гарав (агар мавҷуд бошад) санаи аз ҷониби Бонк қабул намудани пешниҳоди қарзгир бо роҳи ворид намудани маблағи қарз ба суратҳисоби Мизоҷ ба ҳсиоб меравад.

Дар сурати мавҷуд будани замонат, бастани Шартномаи замонат бо роҳи аз тарафи Бонк аксепт намудан (қабул кардан)-и офертаи Зомин амалӣ карда мешавад. Офертаи Зомин оид ба дар маҷмӯъ ва пурра ҳамроҳшавӣ ба Шартҳои умумии мазкур тавассути пешниҳоди Аризаи шакли тасдиқнамудаи Бонк (Замимаи №3-2 ба шартҳои умумии мазкур), ки шартҳои муҳими Шартномаи қарз бо Қарзгирро инъикос мекунад, амалӣ карда мешавад. Аксепти (қабули) офертаи Зомин аз ҷониби Бонк бо роҳи ба Зомин супоридани Мактуб - огоҳинома дар бораи қабули Замонат оид ба таъмини уҳдадориҳо аз руи Шартномаи қарзӣ (минбаъд – Мактуб/огоҳнома) дар шакли тасдиқнамудаи Бонк сурат мегирад.

Санаи бастани Шартномаи Замонат санаи ба суратҳисоби қарзгир ворид намудани маблағи қарз ба ҳисоб меравад.

Шартҳои умумии мазкур дар якҷоягӣ бо Ариза ва Мактуб/огоҳнома оиди АУҚ, Шартномаи қарз ва Шартномаи гаравро (агар мавҷуд бошад) ташкил медиҳанд. Агар Замонат мавҷуд бошад, Шартҳои умумӣ дар якҷоягӣ бо Ариза Шартномаи замонатро ташкил медиҳанд.

Қарзгирандагон ва Зоминоне, ки ба Шартҳои умумии мазкур ҳамроҳ шудаанд тамоми ӯҳдадориҳои Шартҳои умумии мазкур пешбинишударо нисбат ба Қарзгирандагон ва Зоминон пурра ба зимма мегиранд, ҳамчунон Бонк тамоми ӯҳдадориҳои нисбати Бонк дар Шартҳои умумии мазкур пешбинишударо Бонк ба зимма мегирад.

2.2. Агар дар қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ тартиби дигаре пешбинӣ нагардида бошад, Бонк ҳуқуқ дорад, ба таври яктарафа ба Шартҳои умумӣ, аз ҷумла бо роҳи тасдиқи таҳрири нави онҳо тағйирот/ё иловаҳо ворид намояд. Бонк дар бораи тағиротҳо на дертар аз 10 (даҳ) рӯзи тақвимӣ то эътибор пайдо кардани онҳо бо роҳи интишори ҳатмии маълумот тавассути яке аз роҳҳои зерин ба Қарзгир/Зомин/Гаравдеҳ хабар медиҳад:

- ✓ дар шӯъбаҳои муштариёни Бонк,
- ✓ дар Сомонаи расмии Бонк.

Дар сурати бо тағйироту иловаҳое, ки Бонк ба Шартҳои Умумии мазкур ворид кардааст, норозӣ будани Мизоҷ, ӯ ҳуқуқ дорад то эътибор пайдо кардани чунин тағйироту иловаҳо, бо роҳи пеш аз муҳлат иҷро намудани уҳдадориҳои худ, бо тартиби муқарраргардидаи ҳамин шартҳо аз Шартҳои умумӣ даст кашад.

2.3. Бо мақсади шиносонидани қарзгирандагон ва Зомин/гаравдеҳон бо муқаррароти Шартҳои умумии қарздиҳӣ, Бонк Шартҳои умумии мазкурро дар ҷойҳое интишор мекнамояд, ки Мизоҷон/Қарзгир/Зомин/Гаравдеҳ тавонанд, йо яке аз роҳҳои зерин ба он шинос шаванд:

- ✓ ҷойгиркунии онҳо дар стендҳои иттилоотии воҳидҳои сохторҳи амалиётии Бонк, ки ба мизоҷони алоҳида хизмат мерасонанд;
- ✓ ҷойгиркунии маълумот дар сомонаи расмии Бонк - www.ibt.tj;
- ✓ тавассути почтаи электронӣ фиристодани паёмҳои иттилоотӣ ба Қарзгирандагон, Зоминҳо ва Гаравдеҳон;
- ✓ бо тарзҳои дигар, ки ба Қарзгирандагон/Зомин/Гаравдеҳон имкон диҳад, ки маълумот гиранд ва муайян намоянд, ки чунин маълумот аз Бонк ирсол шудааст.

Интишори Шартҳои умумӣ маънои интишори ҳатмии онҳо тавассути воситаҳои ахбори оммаро надорад. Лаҳзаи интишори Шартҳои умумӣ ва дигар маълумот ва шинос шудани Қарзгиранда/Зомин/Гаравдеҳ бо Шартҳои умумӣ ва маълумоти нашршуда лаҳзаи ҷойгиркунии аввалини онҳо дар сомонаи расмии Бонк дар суроғаи: www.ibt.tj ба ҳисоб меравад.

## 3. ШАРТҲОИ УМУМИИ ПЕШНИҲОД ҚАРЗ

3.1. Дар асоси шартҳои шартномаи қарзӣ Бонк ҳуқуқ дорад, бо шартҳо ва тартиби муқаррарнамудаи шартномаи қарз ба Қарзгир ба миқдор ва муҳлати дар Аризаи Қарзгир ва Мактуб/огоҳноми АУҚ (ҷадвали пардохт) зикргардида қарз диҳад ва

барои истифодабарии он фоизи муайян ситонад ва Қарзгир бошад, ухдадор мешавад, ки маблағи қарзи гирифтаашро бо тартиб ва мухлати пешбининамудаи шартномаи қарзӣ баргардонад ва барои истифодабарии қарз ба Бонк фоизи маблағҳои ҳисобшударо пардохт намояд.

3.2. Қарз ба Қарзгир барои эҳтиёҷоти зарурияш дода мешавад.

3.2.1. Барои гирифтани қарз Қарзгир ба Бонк ҳуҷҷатҳои зеринро пешниҳод менамояд:

- ✓ Пурсишнома ва Аризаи дахлдорро (замимаҳои №3-1 ба шартҳои умуми мазкур) пур ва бо даст имзошуда;
- ✓ Ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсият;
- ✓ Бо дархости Бонк дигар ҳуҷҷатҳое, ки барои пешниҳоди қарз заруранд.

3.3. Бонк Қарзро бо асъор, маблағ ва мӯҳлате, ки дар Ариза ва Мактуб/огоҳномаи АУҚ муқаррар шудааст, медиҳад.

Санаи додани қарз, санаи аз тарафи Бонк ба суратҳисоби Қарзгир гузаронидани маблағи қарз ба ҳсиоб меравад.

Санаи пардохти маблағи қарз ва ё қисми маблағи қарз, санаи аз суратҳисоби Қарзгир тибқи тартиби муқаррарнамудаи шартномаи қарзӣ барои пардохти қарз равона намудани маблағ ба ҳисоб меравад.

Барои истифодабарии Қарз Қарзгиранда ба Бонк фоизҳои ҳисобшударо тибқи меъёри дар Ариза ва Огоҳиномаи АУҚ нишондодашуда пардохт менамояд.

3.4. Фоизҳо оид ба Қарз аз ҷониби Бонк аз рӯи маблағи Қарзи асосӣ ҳар моҳ аз рӯзи баъд аз санаи ба суратҳисоби Қарзгир ворид намудани Қарз ва то санаи ниҳоии пурра баргардонидани Қарз, ҳисоб карда мешавад.

3.4.1. Ҳангоми ҳисоб кардани фоизҳо шумораи воқеии рӯзҳои истифодаи Қарз ба назар гирифта мешавад. Асос барои ҳисоб кардани фоизҳо аз рӯи Қарз миқдори воқеии рӯзҳои тақвимӣ дар як сол (365 ё 366 рӯз) мебошад.

3.4.2. Давраи ҳисоб кардани фоиз - давраи вақте, ки барои истифодаи Қарз фоизҳо ҳисоб карда мешаванд, давраи ҳармоҳа мебошад. Давраи якуми ҳисоби фоиз аз рӯзи баъд аз санаи дар Ҳисоби қарзӣ инъикос намудани маблағҳои гирифтаи Қарзгир, то санаи пардохти ибтидоӣ ҳисоб карда мешавад. Мӯҳлати охирини фоизҳо аз санаи баъди санаи пардохт, ки қабл аз баргардонидани қарз то санаи баргардонидани қарз (эътиборан) ё то санаи баргардонидани пурраи пеш аз мӯҳлат қарз (эътиборан) вобаста ба он, ки кадом сана пештар ба амал меояд, ҳисоб карда мешавад.

3.5. Агар пардохти ануитетии ҳармоҳа тибқи Шартномаи қарз ба рӯзе рост ояд, ки дар моҳи тақвимӣ нест, санаи пардохт ба рӯзи охирини моҳ гузаронида мешавад. Агар пардохти ануитетии ҳармоҳа тибқи Шартномаи қарз дар рӯзе рост ояд, ки рӯзи кории Бонк нест, дар ин сурат санаи пардохт ба рӯзи кории навбатии Бонк гузаронида мешавад.

3.6. Дар сурати ба таъхир афтодани иҷрои ӯҳдадориҳо, аз маблағи пардохти моҳона, дар навбати аввал, ӯҳдадориҳои пардохти ноустуворона, комиссияҳо, баъдан фоизҳои ҳисобшудаи пардохтнашуда ва маблағҳои боқимонда барои пардохти қарзи асосӣ равона карда мешаванд.

3.7. Пардохти қарз ва фоизҳои ҳисобшуда ҳар моҳ дар мухлати дар ариза нишондодашуда тибқи нақшаи пардохти ануитет бо роҳи аз тарафи Бонк аз суратҳисоби Қарзгир гирифтани маблағ амалӣ карда мешавад.

3.7.1. Маблағи пардохти ҳармоҳаи ануитетӣ дар Ариза ва Мактуб/огоҳномаи АУҚ дарҷ карда мешавад.

3.7.2. Маблағи пардохти ҳармоҳаи ануитет метавонад мувофиқи банди 3.11. Шартҳои умумии мазкур тағйир дода шавад. Ҷадвали нави пардохти ануитет дар таҳрири нави мактуб/огоҳномаи АУҚ инъикос меёбад.

3.7.3. Бо бастани шартномаи қарзӣ Қарзгир ба Бонк розигӣ медиҳад, ки дар давоми тамоми мухлати шартномаи қарзӣ, ҳангоми фаро расидани мухлати пардохт аз дилхоҳ суратҳисоби ӯ ба тариқи беаксепти маблағҳо барои пардохти ухдадориҳои қарзиаш равона карда шавад.

3.7.4. Бо мақсади иҷрои ӯҳдадориҳои пардохти Қарз ва фоизҳо, Қарзгиранда ухдадор аст, ки дар санаи пардохт дар суратҳисобаш маблағи пардохти навбатиро дар ҳаҷми пурра таъмин намояд.

3.7.5. Сумма, подлежащая выплате в дату окончательного возврата Кредита, может быть отлична от суммы ежемесячного аннуитетного платежа и должна быть равна сумме, необходимой для полного погашения задолженности по Кредитному договору, остающейся невыплаченной Заемщиком на дату окончательного возврата Кредита. Маблағе, ки бояд дар рӯзи баргардонидани ниҳоии Қарз пардохта шавад, метавонад аз маблағи пардохти ҳармоҳаи ануитетӣ фарқ дошта бошад ва дар ин ҳолат дар санаи пардохт Қарзгир дар суратҳисоби қарзиаш бояд на камтар аз маблағи ниҳоии пардохтмешуда маблағ ворид намояд.

3.7.6. Санаи пардохт метавонад, тибқи талаботи банди 3.5. Шартҳои умумии мазкур тағйир дода шавад.

3.8. Дар сурати иҷро накардан ё иҷрои номатлуби ӯҳдадориҳо оид ба баргардонидани Қарз, ҳаққи хизматрасониҳо ва фоизҳо, Қарзгир ухдадор аст мувофиқан тибқи тарофаҳо, ва ё шартномаи қарзӣ (вобаста аз намуди маҳсулоти қарзӣ), то пурра пардохт намудани ухдадориҳои батаъхирафтода барои ҳар рӯзи батаъхиргузорӣ ба Бонк ноустуворона (ҷарима ва ё пеня) пардохт намояд.

3.9. Бонк хукук дорад пеш аз муҳлат пардохт намудани қарз ва фоизҳои то ин давр ҳисобшудаи пардохтнашударо дар ҳолатҳои зерин талаб намояд:

а) ғайримақсаднок истифода бурдани маблағи қарз;

б) агар мизоҷ ҳато як маротиба пардохтҳои дахлдорро тибқи шартномаи қарзӣ сари вақт иҷро нанамояд;

в) агар Қарзгир уҳдадориҳои муқаррарнамудаи шартномаи қарзӣ оиди таъмини баргардонидани қарзро иҷро накунад;

г) дар дигар ҳолатҳои муқаррарнамудаи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Бо дархости якуми Бонк дар ҳолатҳои дар боло зикршуда Қарзгиранда уҳдадор аст Қарзро баргардонида, хароҷотҳо ва фоизҳои барои мӯҳлати воқеии истифодаи Қарз ҳисобшударо пардохт намояд. Дар сурати иҷро накардани ин уҳдадорӣ қарзгиранда ба Бонк ба андозаи дукаратаи меъёри ҷаримаи дар Ариза ва ё тарофаи Бонк, ки дар санаи иҷро амал мекунад, барои ҳар рӯзи батаъхиргузорӣ ҷарима пардохт намояд.

3.10. Қарзгир ҳуқуқ дорад бо пешниҳоди аризаи шакли муқарраррнамудаи Бонк оиди пеш аз мухҳлат пурра пардохт намудани қарз, ки дар он маблағи кҳдадориҳои қарзӣ дарҷ карда мешавад, уҳдадориҳои қарзиашро пеш аз муҳлат пурра пардохт намояд. Дар сурати пеш аз мӯҳлат пурра баргардонидани Қарз, Қарзгир уҳдадор аст, фоизҳоро барои мӯҳлати воқеии истифодабарии Қарз пардохт намояд. Дар ин ҳолат Бонк фоизҳоро мувофиқи мӯҳлати воқеии истифодабарии Қарз аз нав ҳисоб мекунад.

Бонк маблағҳоро дар ҳаҷми дар ариза барои пеш аз мӯҳлат баргардонидани қарз нишондодашуда дар рӯзи аз тарафи Қарзгир пешниҳод намудани чунин ариза, аз суратҳисоби Қарзгир барои пурра пардохт намудани уҳдадориҳои қарзӣ равона менамояд.

3.11. Қарзгир ҳуқуқ дорад бо пешниҳоди ариза барои пеш аз мӯҳлат баргардонидани Қарз, ки дар шакли Бонк тартиб дода шудааст, ки дар он маблағи баргардонидашаванда нишон дода шудааст, Қарзро қисман пеш аз мӯҳлат баргардонад.

Бонк маблағҳоро дар ҳаҷми дар ариза барои пеш аз мӯҳлат баргардонидани қисми қарз нишондодашуда дар рӯзи аз тарафи Қарзгир пешниҳод намудани чунин ариза, аз суратҳисоби Қарзгир барои қисман пардохт намудани уҳдадориҳои қарзӣ равона менамояд.

Агар дар суратҳисоби Қарзгир ба маблағи дар ариза барои пеш аз мӯҳлат баргардонидани Қарз нишондодашуда маблағ мавҷуд набошад ва ё камтар бошвд, маблағ аз ҳисоб бароварда намешавад.

Дар сурати қисман пеш аз мӯҳлат баргардонидани Қарз, маблағи пардохти ҳармоҳаи ануитетӣ кам мешавад, ки дар робита ба ин байни Бонк ва Қарзгир ҷадвали пардохт Мактуб/Огоҳӣ оиди АУҚ дар таҳрири нав ба имзо расонида мешавад.

Ҷадвали пардохт (Мактуб/огоҳӣ оиди АУҚ (Минбаъд ҷадвали пардохт)) дар таҳрир нав, ҷадвали пардохти пешинаро беэътибор медонад.

3.12. Бо бастани шартномаи Қарзӣ Қарзгир ба Бонк розигӣ медиҳад, ки Бонк аз суратҳисобҳои дар Бонк кушодашудаи ӯ, дар ҳаҷми уҳдадориҳои қарзӣ аз рӯи

Шартномаи қарзӣ ва дигар пардохтҳоро мутобиқи банди 3.7-и ҳамин Шартҳои умумӣ, инчунин дар ҳолати аз тарафи мизоҷ иҷро накардан ва ё иҷрои номатлуби ӯҳдадориҳои қарзӣ, маблағҳоро ситонад.

Руёнидани маблағҳо аз суратҳисобҳои бонкии Қарзгир, ки бо асъори ғайр аз асъоре, ки бо он Қарз дода шудааст, кушодашуда дар ҳаҷми Қарзи воқеие, ки аз рӯи қурби Бонк дар санаи аз ҳисоб баровардан аз нав ҳисоб карда шудааст, бо дарназардошти комиссия, мувофиқи тарофаҳои Бонк, ки дар рӯзи ҳисобкунӣ амал мекунанд, амалӣ карда мешавад.

## 4. ШАРТҲОИ УМУМИИ ЗАМОНАТ

4.1. Зомин дар назди Бонк ӯҳдадор мешавад, ки ҳангоми аз тарафи Қарзгир тибқи талаботи шартномаи қарзӣ иҷро накардани ӯҳдадориҳои қарзиаш, Ӯҳдадориҳои қарзии Қарзгирро дар ҳаҷми пурра бо назардошти Қарзи асосӣ, фоизҳо ва ҷаримаҳои ҳисобшудаи пардохтнашуда, хароҷотҳои судӣ ва дигар хароҷотҳои муқаррарнамудаи қонунгузории амалкунадаи Ҷумҳурии Тоҷикистонро вобаста ба ӯҳдадориҳои қарзи мазкурро бечуну чаро, ба зимма гирифта пурра пурра иҷро намояд.

Зомин ӯҳдадор мешавад, ки ӯҳдадориҳои қарзгирандаро дар назди Бонк тибқи шартномаи қарз, сарфи назар аз он ки Бонк ба қарзгир оиди талаби иҷрои ӯҳдадориҳои ба зимма гирифтааш муроҷиат кардааст ё не, иҷро намояд.

4.2. Зомин бо тамоми шартҳои Шартномаи қарзии байни Қарзгир ва Бонк басташуда, аз ҷумла ҳамаи шартҳои муҳими дар Ариза (Замимаи № 3-2 ба ин Шартҳои умумӣ) ва Дар Ҷадвали пардохт зикршуда огоҳ аст.

4.3. Зомин ва қарзгир дар назди Бонк ҷавобгарии муштараки баробар доранд. Зомин дар назди Бонк ба андозае, ки Қарзгир аст, ҷавобгар аст, аз ҷумла барои пардохти қарзи асосӣ, фоизҳо, ҷаримаҳо, ва дигар хароҷотҳои Бонк, ки дар натиҷаи иҷро накардан ва ё иҷрои номатлуби ӯҳдадориҳои қарзгир, дар ҳудуди бо Замонат таъминбуда, ҷавобгар мебошад.

4.4. Бонк хукук дорад бе розигии Зомин шартхои асосии Шартномаи карзро бо карзгиранда, ки дар Ариза (Замимаи № 3-2 Шартҳои умумии мазкур) ва ҷадвали пардохт зикр шудаанд, тағйир диҳад, ба истиснои ҳолатҳое, ки дар банди 3.11 Шартҳои умумии мазкур пешбинӣ шудаанд. Зомин розӣ аст, ки маблағи пардохти ҳармоҳаи ануитетро тибқи талаботи банди 3.11-и шартҳои умуми мазкур кам кунад. Ҳангоми дар шартҳои Шартномаи қарз ворид намудани тағйири зикршуда, тасдиқи иловагии Зомин талаб карда намешавад.

4.5. Амали Шартномаи Замон дар ҳолатҳои зерин қатъ карда мешавад:

- Ӯҳдадориҳои қарзиашро тибқи талаботи Шартномаи қарзӣ пурра пардохт намудани Қарзгир;
- Аз ҳуқуқҳои худ даст кашидани Бонк ва дар ин хусус огоҳ намудани Мизоҷ;
- Дар дигар ҳолатҳои пешнибинӣ намудаи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон.

4.6. Дар сурати аз тарафи Қарзгир иҷро накардани уҳдадориҳои худ оиди баргардонидани қарз, Бонк ҳуқуқ дорад, аз Зомин маблағи қарзи асосӣ, фоиз ва ҷаримаҳои ҳисобшуда ва дигар маблағҳои хароҷотӣ вобаста ба маблағӣ қарзро, ки аз шартномаи қарзи бармеояд, ситонад.

4.7. Дар сурати аз ҷониби Қарзгир напардохтан ё қисман напардохтани маблағи пардохти аннуитет, Бонк дар давоми 10 (даҳ) рӯзи тақвимӣ Замонро дар бораи таъхири пардохт огоҳ мекунад. Зомин уҳдадор мешавад, ки на дертар аз 3 (се) рӯзи корӣ аз рӯзи гирифтани огоҳнома уҳдадории батаъхирафтодаро пурра иҷро намояд.

4.8. Агар Зомин тамоми уҳдадориҳои Қарзгирро дар назди Бонк иҷро намояд, пас ҳуқуқи талаби Бонк аз руи Шартномаи қарзии мазкур дар ҳаҷми аз тарафи Зомин иҷро шуда, ба Замин мегузарад.

## 5. ШАРТҲОИ УМУМИИ ГАРАВИ МОЛУ МУЛКИ МАНҚУЛ

5.1. Иҷрои ӯҳдадориҳои Қарзгиранда оид ба пардохти Қарз, пардохти фоизҳо, ноустуворона, ҷуброни зараре, ки дар натиҷаи иҷро накардан ё иҷрои номатлуби ӯҳдадориҳои Шартномаи қарз ба Бонк расонида шудааст, инчунин хароҷоти Бонк вобаста ба ситонидани қарз, тибқи шартҳои Шартномаи гарав бо гарав таъмин карда мешавад.

Ҳуқуқи гарав барои Бонк аз лаҳзаи бастани Шартномаи гарав ба вуҷуд омада, баъди аз тарафи Қарзгир пурра иҷро намудани уҳдадориҳои қарзии бо гарав таъминбуда, қатъ мегардад.

5.2. Гарав иҷрои ӯҳдадориҳои Қарзгирро аз рӯи шартномаи қарз ба андозаи дар санаи қонеъ гардонидани воқеии талаботи муайяншуда, аз ҷумла Қарзи асосӣ, фоиз ва ҷаримаҳои ҳисобшуда, хароҷотҳои дигари тибқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба шартномаи қарзии дахлдорро таъмин менамояд.

5.3. Дар сурати аз ҷониби Қарзгир қисман иҷро кардани ӯҳдадорие, ки бо гарав таъмин шудааст, гарав то пурра иҷро шудани ӯҳдадориҳои дар боло зикршуда дар ҳаҷми аввалааш нигоҳ дошта мешавад.

5.4. Шартҳои Шартномаи қарз, андоза ва тартиби пардохти фоизҳо барои истифодабарии Қарз, комиссияҳо, ҷаримаҳо, инчунин тартиби баргардонидани уҳдадлориҳи қарзӣ дар Ариза (замимаҳои № ба Шартҳои умумии мазкур), ҷадвали пардохт ва Шартҳои умумии мазкур дарҷ карда шудааст.

5.5. Мавзӯи гарав арзиши он дар Ариза (Замимаи №3-3 ба Шартҳои умумии мазкур) нишон дода шудааст.

5.6. Гаравдеҳ молу мулки муайянро якҷоя бо ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи ҳуқуқи моликият ба Бонк ба гарав месупорад ва Бонк онҳоро ба гарав қабул менамоя.

5.7. Мавзӯи гарав дар ихтиёри Бонк қарор мегирад ва ё бо мувофиқаи Тарафҳо дар ихтиёри Гаравдеҳ нигоҳ дошта мешавад.

5.8. Гаравдеҳ ҳуқуқ дорад молу мулки ба гарав гузошташударо, ки дар ихтиёраш қарор дорад, мувофиқи таъиноташ истифода барад, ба шарте, ки ба вайроншавӣ, бадшавӣ ва паст шудани арзиши он, аз ҳад зиёд фарсудашавии муқарраршӣ роҳ надиҳад.

Дар сурати ба амал омадани ҳолатҳое, ки боиси вайрон шудан, фарсудашави, тағйир ёфтани таъинот ва манфиатнокӣ, дар асосҳои муқаррарнамудаи қонун қатъ гардидани ҳуқуқи моликият моликият ба мавзӯи гарав, ё мусодираи предмети гарав дар асоси қарори суд, гардидаанд, Гаравдеҳ уҳдадор аст, дар сурати вуҷуд доштани розигии Бонк дар муҳлати 3 (се) рӯзӣ корӣ мавзӯи гаравро барқарор намояд ва ё бо дигар молу мулки ба он баробар иваз намояд.

5.9. Гаравдеҳ ҳуқуқ надорад бе розигии пешакии Бонк предмети гаравро иваз кунад, баргардонад, онро ба иҷора ё ройгон ба шахсони сеюм бидиҳад.

Бе розигии хаттии Бонк гаронихои минбаъда нисбат ба предмети гарав, аз ҷумла гарави минбаъда иҷозат дода намешавад.

5.10. Гаравдеҳ уҳдадор аст:

- ✓ нигоҳдории дуруст ва бехатарии мавзӯи гаравро таъмин намояд;
- ✓ намояндагони ваколатдори Бонкро ба маҳалли ҷойгиршавии предмети гарав иҷозат диҳад, имконияти гузаронидани санҷиши ҳуҷҷатӣ ва воқеии мавҷудият ва ҳолат, шароити кори предмети гаравро таъмин намояд;
- ✓ дар бораи таҳдиди гум шудан ё осеб дидани предмети гарав, дар бораи ҳама тағйироте, ки бо предмети гарав ба амал омадаанд, дар бораи ҳама гуна даъвоҳои шахсони сеюм нисбат ба он, ки дар натиҷаи қонеъ гардонидан/иҷрои онҳо Гаравдеҳ метавонад моликияти гаравро аз даст диҳад, фавран Бонкро огоҳ созад.
- ✓ Дигар уҳдадориҳои муқаррарнамудаи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон.

5.11. Бонк ҳуқуқ дорад:

- ✓ дилхоҳ вақт мавҷудият, ҳолат, шароити кор ва нигоҳдории мавзуи гаравро тафтиш намояд;
- ✓ дар сурати аз ҷониби Қарзгир иҷро накардани уҳдадориҳо оид ба шартномаи қарзӣ рӯёнишро аз ҳисоби предмети гаравро тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монад ва уҳдадориҳои қарзиро аз ҳисоби маблағҳои аз фуруши предмети гарав ба даст омада ситонад;
- ✓ аз Гаравдеҳ андешидани чораҳои заруририро барои нигоҳ доштани предмети гарав талаб намояд, инчунин худаш мустақилона чунин чораҳоро андешад;
- ✓ дар асоси шартномаи Қарзӣ пеш аз муҳлат иҷрои намудани уҳдадориҳои қарзии бо гарав таъминбударо аз Гаравдеҳ талаб намояд, дар сурати аз тарафи Қарзгир ва Гаравдеҳ иҷро накардани уҳдадориҳои зикршуда, дар асоси талаботи банди 3.9. Шартҳои умумии мазкур ситонишро аз ҳисоби мавзӯи гарав амалӣ намояд.

- ✓ дар сурати суғурта шудани предмети гарав, ҳангоми гум шудан ё пурра нобуд шудани мавзӯи гарав аз маблағи ҷуброни суғуртаи он дар доираи уҳдадориҳои қарзӣ руёнишро амалӣ намояд.

5.12. Агар Қарзгир ӯҳдадориҳои худро аз рӯи Шартномаи қарзӣ ва Шартномаи гарав ба таври ба таври дахлдор иҷро намояд, Бонк уҳдадор мешавад, ки ба Қарзгир дар мувофиқи мақсади бевоситаи он истифода намудани мавзӯи гарав монеагӣ накунад.

5.13. Ситонидан аз предмети гарав ва иҷрои он бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

5.14. Асос барои ситонидан аз предмети гарав ин аз ҷониби қарзгир иҷро накардан ё ба таври номатлуб иҷро кардани уҳдадориҳо оид ба шартномаи қарзӣ, инчунин дигар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Шартҳои умумии мазкур мебошанд.

5.15. Бо созиши тарафҳо нархи ибтидоии фурӯши предмети гарав дар ҳаҷми арзиши гарав, ки дар Ариза (Замимаи № ба Шартҳои умумии мазкур) нишон дода шудааст, муайян карда мешавад.

## 6. ШАРТҲОИ ДИГАР

6.1. Шартномаи қарз/Замонат/Гарав аз рӯзи бастани онҳо тибқи банди 2.1. Шартҳои умумии мазкур ба қувваи амал даромада, то лаҳзаи аз ҷониби Тарафҳо пурра иҷро намудани уҳдадориҳояшон тибқи шартномаҳои зикршуда эътибор доранд.

6.2. Қарзгиранда/Зомин/Гаравдеҳ уҳдадоранд тамоми маблағи Қарз ва фоизҳоро дар мӯҳлатҳои дар Ариза нишондодашуда бармегардонад.

6.3. Агар дар қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби дигаре пешбинӣ нагардида бошад, ҳангоми ба таъхир афтодани иҷрои уҳдадорҳои қарзӣ, маблағҳое, ки аз тарафи Қарзгир/Зомин/Гаравдеҳ ба Бонк пардохт шудаанд, (дар суратҳисобҳои онҳо вуҷуд дорад)аз тарафи Бонк тариқи беаксепти барои пардохти уҳдадориҳои қарзӣ тибқи Шартномаи қарзӣ равона карда мешавад.

6.4. Барои иҷро накардани ва ё иҷрои номатлуби уҳдадориҳояшон Тарафҳо тибқи муқаррароти қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгаранд.

6.5. Дар сурати аз тарафи Мизоҷ иҷро накрадан ва ё иҷрои номатлуби уҳдадориҳо, Мизоҷ уҳдадор аст, ки ба Бонк ба ғайр аз ноустуворона тибқи меъёрҳои қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағҳои зарари расонидашударо пурра пардохт менамояд.

6.6. Тарафҳо дар давоми панҷ рӯз якдигарро дар бораи ҳама тағйирот дар суроғаи ҳуқуқӣ ва почтавиашон, реквизитҳои пардохт ва дигар маълумот, ки тағйир ёфтани онҳо метавонад ба иҷрои Шартномаи қарз, Шартномаи Замонат (агар мавҷуд бошад), Шартномаи гарав (агар бошад), ягон таъсир расонад, огоҳ созанд. Қарзгир ва Зомин/Гаравдеҳ инчунин уҳдоранд, ки Бонкро дар бораи тағйир ёфтани суроғаи бақайдгирӣ, ҷои истиқомати воқеӣ, ҷои кор, насаб, ном ё номи падар, маълумоти шиноснома огоҳ намоянд.

6.7. Ҳама баҳсҳое, ки аз Шартномаи мазкур бармеоянд, аз ҷониби Тарафҳо дар суди салоҳияти умумӣ тибқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳал карда мешаванд.

| | |
|---|---|
| **Ариза – офертаи Қарзгир ба ЧСП “Бонки байналмилалии Тоҷикистон” (минбаъд – “Бонк”) оиди ҳамроҳшавӣ ба Шартномаи универсалӣ “оиди хизматрасонии маҷмӯии бонкӣ ба шахсони воқеӣ” ва гирифтани қарз**<br>**№ C-DU-0000 аз аз “____” __________ соли 20___** | **ЗАМИМАИ №3-1 ба шартҳои умумии қарздиҳӣ ба шахсони воқеӣ, замонат ва гарави Шартномаи универсалӣ “оиди хизматрасонии маҷмӯии бонкӣ ба шахсони воқеӣ дар ЧСП “Бонки байналмилалии Тоҷикистон”** |

1. бо Ариза – офертаи мазкур, ман:

| | | | |
|---|---|---|---|
| Ному Насаб | *автоматӣ* | Суроғаи қайд | *автоматӣ* |
| № Шиноснома | *автоматӣ* | Суроғаи воқеӣ | *автоматӣ* |
| Санаи таваллуд | *автоматӣ* | Суроғаи электронӣ | *автоматӣ* |
| Телефон | *автоматӣ* | РМА | *автоматӣ* |

дар зер имзокунанда, ба сифати Қарзгир ба суроғаи Бонк Ариза-офертаи худро пешниҳод намуда, хоҳиш менамоям, ки бо ман бо шартҳои зерин шартномаи қарзӣ бандед:

1.1. Шартҳои гирифтани қарз:

| | | | |
|---|---|---|---|
| Номи маҳсулоти қарзӣ | *Интихоби намуди қарз (справочник)* | | |
| Маблағи қарз | *дастӣ* | Асъори қарз | *Интихоб (справочник)* |
| Меъёри фоизи қарз (бо % дар як сол) | Тибқи тарофа (Инсоф) | Мухлати қарз | *Интихоб (справочник)* |
| Давраи имтиёзӣ | *Интихоб (справочник)* | Мақсади қарз | *Интихоб (справочник)* |
| Шакли пешниҳоди қарз | Нақдӣ/ғайринақдӣ | Нақшаи пардохт | ануитет/тарофа |
| Ҷарима | 1% пардохти ануитет | 0,1% хатти қарзӣ | Инсоф тибқи тарофа |

2. Тасдиқ менамоям, ки ҳамаи маълумоти дар боло зикршуда пурра ва дуруст мебошанд. Ман бо шартҳои омузиши фаъолияти молиявии хоҷагиам ва корхонаам рози ҳастам ва тайёр ҳастам ба кормандони Бонк доир ба гирифтани маълумоти пурра оиди фаъолияти худ ва хоҷагии хона мусоидат намоям. Ба ғайр аз ин ман зид нестам, ки агар бонк оиди фаъолияти ман ва хоҷагиам маълумоти дигареро аз корхонаю муассисаҳо ва аз дигар шахсони воқеӣ талаб намояд. Ман дарк менамоям, ки пешниҳоди Ариза –офертаи мазкур ба ман кафолати гирифтани қарзро намедиҳад.
3. Ман инчунин ба Бонк иҷозат медиҳам, ки тамоми маълумоти мавҷудаи манро ба бюрои таърихи қарзӣ ва дигар шахсони сеюм пешниҳод намояд, инчунин дар бораи таърихи қарзии ман аз бюрои таърихи қарзӣ тафтиши эътимоднокӣ маълумот бигирад.
4. Бо аризаи мазкур тасдиқ менамоям, ки Шартномаи универсалӣ “Оиди хизматрасонии маҷмӯии бонкӣ ба шахсони воқеӣ” (минбаъд шартнома), дар ҳаҷми пурра, аз ҷумла масъулияти тарафҳо, тарофаҳои Бонк ва тартиби ворид намудани тағйиру иловаҳо ба шартнома пеш аз имзои Ариза – офертаи мазкур ба ман фаҳмонида шуд, моҳияти он ба ман фаҳмо аст ва розӣ ҳастам, ки онҳоро риоя намоям.
5. Ариза – офертаи мазкур аз ҷониби ман бо хоҳиши худ амалӣ карда мешавад. Ман розӣ ҳастам, ки пешниҳоди Қарз, қабули (аксепти) Ариза - офертаи мазкур ба ҳисоб меравад. Шартномаи қарзӣ дар санаи ба суратҳисоби ман гузаштани қарз басташуда ҳисобида мешавад.

| | |
|---|---|
| **“ҚАРЗГИР”**<br>**НОМУ НАСАБИ МИЗОҶ** ________ИМЗО________ | Сана |
| Ариза- офертаро қабул кардам, Қарзгир дар Ариза-Офертаи мазкур дар ҳузури ман имзо гузошт. | |
| ЧСП «Бонки байналмилалии Тоҷикистон»<br>Филиали бонк дар ш.Хуҷанд, РМА: 020043405, тел: (+992 44) 640-03-03<br>Сардори филиал НОМУ НАСАБ ________ИМЗО________<br>Коршиноси қарзӣ: ____________ НОМУ НАСАБ<br>Нозир оид ба назорати қарз: ____________ НОМУ НАСАБ | |

| | |
|---|---|
| **Ариза – офертаи Зоммин ба ҶСП “Бонки байналмилалии Тоҷикистон” (минбаъд – “Бонк”) оиди ҳамроҳшавӣ ба Шартномаи универсалӣ “оиди хизматрасонии маҷмӯии бонкӣ ба шахсони воқеӣ” ва бастани шартномаи замонат**<br>**№ Z-DU-0000 аз аз “____” __________ соли 20___** | **ЗАМИМАИ №3-2 ба шартҳои умумии қарздиҳӣ ба шахсони воқеӣ, замонат ва гарави Шартномаи универсалӣ “оиди хизматрасонии маҷмӯии бонкӣ ба шахсони воқеӣ дар ҶСП “Бонки байналмилалии Тоҷикистон”** |

1. бо Ариза – офертаи мазкур, ман:

| | | | |
|---|---|---|---|
| Ному Насаб | *автоматӣ* | Суроғаи қайд | *автоматӣ* |
| № Шиноснома | *автоматӣ* | Суроғаи воқеӣ | *автоматӣ* |
| Санаи таваллуд | *автоматӣ* | Суроғаи электронӣ | *автоматӣ* |
| Телефон | *автоматӣ* | РМА | *автоматӣ* |

дар зер имзокунанда, ба сифати зомин ба суроғаи Бонк Ариза-офертаи худро пешниҳод намуда, барои иҷрои уҳдадориҳои қарзгир, ки дар банди 1.1.-1.2.-и ҳамин ариза дарҷ шудааст, уҳдадорӣ ба зимма гирифта, иҷрои саривақтии уҳдадориҳои қарзгирро кафолат медиҳам ва хоҳиш менамоям, ки бо ман барои таъминоти ичрои шартномаи қарзии дар ҳамин Ариза – оферта қайдшуда, шартномаи замонат бандед.

1.1. Қарзгир:

| | | | |
|---|---|---|---|
| Ному Насаб | *автоматӣ* | Санаи таваллуд | *автоматӣ* |
| № Шиноснома | *автоматӣ* | Суроғаи қайд | *автоматӣ* |

1.2. Шартҳои гирифтани қарз аз ҷониби Қарзгир:

| | | | |
|---|---|---|---|
| Ариза – офертаи қарзгир (минбаъд шартномаи қарзӣ) | *автоматӣ* | | |
| Номи маҳсулоти қарзӣ | *автоматӣ* | | |
| Маблағи қарз | *автоматӣ* | Асъори қарз | *автоматӣ* |
| Меъёри фоизи қарз (бо % дар як сол) | Тибқи тарофа (Инсоф) | Мухлати қарз | *автоматӣ* |
| Ҷарима | Мувофиқи Шартҳои умумӣ ҳисоб карда мешавад. | | |

1.3. Бо аризаи мазкур тасдиқ менамоям, ки Шартномаи универсалӣ “Оиди хизматрасонии маҷмӯии бонкӣ ба шахсони воқеӣ” пеш аз имзои Ариза – офертаи мазкур ба ман фаҳмонида шуд, моҳияти он ба ман фаҳмо аст ва ман розӣ ҳастам, ки онҳоро риоя намоям. Таъмини замонат аз ҷониби ман бо хоҳиши худ амалӣ карда мешавад. Ман розӣ ҳастам, ки пешниҳоди Қарз ба Қарзгир қабули (аксепти) Ариза - офертаи мазкур ба ҳисоб меравад. Шартномаи замонат дар санаи ба суратҳисоби қарзгир гузаштани қарз басташуда ҳисобида мешавад.

| | |
|---|---|
| **“ЗОМИН”**<br>**НОМУ НАСАБИ МИЗОҶ** ________ИМЗО________ | Сана |

| |
|---|
| Ариза- офертаро қабул кардам, зомин дар Ариза-Офертаи мазкур дар ҳузури ман имзо гузошт. |
| ҶСП «Бонки байналмилалии Тоҷикистон»<br>Филиали бонк дар ш.Хуҷанд, РМА: 020043405, тел: (+992 44) 640-03-03<br>Сардори филиал НОМУ НАСАБ ________________<br>Коршиноси қарзӣ: ____________ НОМУ НАСАБ<br>Нозир оид ба назорати қарз: ____________ НОМУ НАСАБ |

| | |
|---|---|
| **Ариза – офертаи Гаравдеҳ ба ЧСП "Бонки байналмилалии Тоҷикистон" (минбаъд – "Бонк") оиди ҳамроҳшавӣ ба Шартномаи универсалӣ "оиди хизматрасонии маҷмӯии бонкӣ ба шахсони воқеӣ" ва бастани шартномаи гарав № ____________ аз "____" __________ соли 20___** | **ЗАМИМАИ №3-3 ба шартҳои умумии қарздиҳӣ ба шахсони воқеӣ, замонат ва гарави Шартномаи универсалӣ "оиди хизматрасонии маҷмӯии бонкӣ ба шахсони воқеӣ дар ЧСП "Бонки байналмилалии Тоҷикистон"** |

1. бо Ариза – офертаи мазкур, ман:

| | | | |
|---|---|---|---|
| Ному Насаб | *автоматӣ* | Суроғаи қайд | *автоматӣ* |
| № Шиноснома | *автоматӣ* | Суроғаи воқеӣ | *автоматӣ* |
| Санаи таваллуд | *автоматӣ* | Суроғаи электронӣ | *автоматӣ* |
| Телефон | *автоматӣ* | РМА | *автоматӣ* |

дар зер имзокунанда, ба сифати Гаравдеҳ ба суроғаи Бонк Ариза-офертаи худро пешниҳод намуда, барои иҷрои ӯҳдадориҳои қарзгир, ки дар банди 2 - 2.1.-и ҳамин Ариза-оферта дарҷ шудааст, ӯҳдадорӣ ба зимма гирифта, иҷрои саривақтии ӯҳдадориҳои қарзгирро кафолат медиҳам. Хоҳиш менамоям, ки бо ман барои таъминоти иҷрои шартномаи қарзии дар ҳамин ариза қайдшуда, бо ман шартномаи гарав бандед ва молу мулки манқуле, ки тафсилоташ дар банди 3-и ҳамин ариза дарҷ шудааст, ба гарав гиред.

2. Қарзгир:

| | | | |
|---|---|---|---|
| Ному Насаб | *автоматӣ* | Санаи таваллуд | *автоматӣ* |
| № Шиноснома | *автоматӣ* | Суроғаи қайд | *автоматӣ* |

2.1. Шартҳои гирифтани қарз аз ҷониби Қарзгир:

| | | | |
|---|---|---|---|
| Ариза – офертаи қарзгир (минбаъд шартномаи қарзӣ) | *автоматӣ* | | |
| Номи маҳсулоти қарзӣ | *автоматӣ* | | |
| Маблағи қарз | *автоматӣ* | Асъори қарз | *автоматӣ* |
| Меъёри фоизи қарз (бо % дар як сол) | *автоматӣ* | Мӯҳлати қарз | *автоматӣ* |
| Ҷарима | Мувофиқи Шартҳои умумӣ ҳисоб карда мешавад. | | |

3. Молу мулки манқули ба гарав гирифташаванда:

| | |
|---|---|
| Номгӯи молу мулк | Интихоби намуди гарав (справочник) (пасандоз, маснуоти тилловорӣ - Инсоф) |
| Ҳамагӣ (грамм / адад) | *дастӣ* |
| Арзиши амволи гарав (бо сомонӣ) | 2 700 (ду ҳазору ҳафтсад) - *дастӣ* |
| Нархи ибтидоии фурӯши ашёи гарав дар сурати тариқи ғайрисудӣ ситонидан аз ашёи гарав | 70 (ҳафтод) фоизи арзиши барҳамдиҳии молу мулки гарав |
| *номгӯй ва мушаххасоти молу мулки гарав дар ҳуҷҷати алоҳида замима ба аризаи мазкур дар карда шудааст. | |

4. Ман, дар зер имзокунанда, ҳамчун Гаравдеҳ, бо ҳамин тасдиқ мекунам, ки Шартҳои Шарномаи универсалӣ "Оиди хизматрасонии маҷмӯии бонкӣ ба шахсони воқеӣ" пеш аз имзои Ариза-Офертаи мазкур ба ман фаҳмонида шуданд, моҳияти он ба ман фаҳмо аст ва ман розӣ ҳастам, ки онҳоро риоя кунам. Ман розӣ ҳастам, ки пешниҳоди Қарз ба Қарзгир қабули (аксепти) Ариза – офертаи ман ба ҳисоб рафта, Шартномаи гарав дар санаи ба суратҳисоби қарзгир гузаштани қарз басташуда ҳисобида мешавад.

| |
|---|
| **"ГАРАВДЕҲ" НОМУ НАСАБ** ____________ИМЗО____________ |
| Ариза- офертаро қабул кардам, "ГАРАВДЕҲ" дар Ариза-Офертаи мазкур дар ҳузури ман имзо гузошт. |
| ЧСП «Бонки байналмилалии Тоҷикистон» Филиали бонк дар ш.Хуҷанд, РМА: 020043405, тел: (+992 44) 640-03-03 |

| |
|---|
| Сардори филиал НОМУ НАСАБ ________________<br>Коршиноси қарзӣ: ____________ НОМУ НАСАБ<br>Нозир оид ба назорати қарз: ____________ НОМУ НАСАБ |

# ЗАМИМАИ №4 – ШАРТҲОИ УМУМИИ ПЕШНИҲОДИ ҚАРЗИ ИСТЕЪМОЛӢ ТАВАССУТИ КОРТҲОИ ПАРДОХТӢ

Шартҳои умумии пешниҳоди қарзи истеъмолӣ (минбаъд – Шартҳои умумӣ)-и мазкур тартиби қарздиҳиро аз ҷониби Бонк ба ***Қарзгирон*** – шахсони воқеӣ барои мақсадҳои истеъмолӣ, аз ҷумла барои харидории молҳои ниёзи мардум ва пардохти хизматрасониҳо (корҳо) тавассути кортҳои пардохтӣ муқаррар менамоянд.

## 1. МУҚАРРАРОТИ МУҚАДДАМОТӢ

**«Бонк»** - ҶСП «Бонки байналмилалии Тоҷикистон» (бо дарназардошти филиалҳо ва воҳидҳои сохтории дохилӣ (дафтарҳои кории иловагӣ, шуъбаҳои амалиётӣ, шуъбаҳои қарзӣ-хазинавӣ ва ғ.)).

**«Суратҳисоби бонкӣ»** - суратҳисоби бонкие, ки аз ҷониби Бонк барои Қарзгир дар асоси Шартномаи суратҳисоби бонкии бо Қарзгир бастaшуда кушода мешавад. Реҷаи Суратҳисоби бонкии Қарзгир дар қисмати 7-и ҳамин Шартҳои умумӣ муайян карда мешавад.

**«Бандсозии корт»** – муваққатан манъ намудани хизматрасонии корт.

**«Бандсозии амалиётҳои хароҷотии корт ҳангоми мавҷудияти қарздории муҳлатгузашта»** – муваққатан манъ намудани амалиётҳои хароҷотӣ тавассути корт.

**«Иқтибос» –** маълумот дар бораи суратҳисоби бонкии Қарзгир, ки дар Давраи ҳисоботӣ анҷом дода шудааст, ҳаҷми умумии қарз аз Бонк (аз рӯйи ҳама намудҳои қарздорӣ, бо дарназардошти фоизҳо ва пардохтҳои дигар), аз ҷумла маблағи пардохтшавандаи Пардохти ҳатмии ҳадди ақал. Иқтибос аз ҷониби Бонк дар охирин рӯзи тақвимии моҳ таҳия карда шуда, ба Қарзгир тавассути яке аз роҳҳои дар Шартномаи қарзи истеъмолӣ нишондодашуда ирсол карда мешавад. Ҳангоми нагирифтани маълумот дар бораи маблағи қарздории нақшавӣ ва муҳлати пардохти он Қарзгир уҳдадор аст ба Бонк бо телефони +992 44 625 7777 барои дарёфти маълумот дар бораи маблағи пардохт муроҷиат намояд. Нагирифтани Иқтибос Қарзгирро аз иҷрои уҳдадориҳояш тибқи Шартномаи қарзи истеъмолӣ озод наменамояд.

**«Дорандаи корт»** - шахси воқеӣ, ки Бонк ба номи вай Корти ҳисоббаробаркунӣ баровардааст (Қарзгир ва/ё Дорандаи корти иловагӣ).

**«Шартномаи суратҳисоби бонкӣ»** - Шартномае, ки байни Бонк ва Қарзгир дар асоси Аризаи Қарзгир оид ба пешниҳоди қарзи истеъмолӣ бо шартҳо, пазириши шартҳои қарзи истеъмолӣ (минбаъд - Ариза), ки бо ҳамин Шартҳои умумӣ муқаррар карда шудаанд, баста шудааст. Шартномаи суратҳисоби бонкӣ аз лаҳзаи кушодани Суратҳисоби бонкӣ бастaшуда ҳисобида шуда, эътибор пайдо мекунад. Шартномаи суратҳисоби бонкӣ аз Ариза оид ба пешниҳоди қарзи истеъмолӣ, Шартҳои инфиродии қарзи истеъмолӣ ва ҳамин Шартҳои умумӣ иборат аст.

**«Шартномаи қарзи истеъмолӣ»** - Шартномае, ки байни Бонк ва Қарзгир баста шудааст ва тибқи он Бонк ҳуқуқ дорад ба Қарзгир барои мақсадҳои истеъмолӣ қарз диҳад, Қарзгир бошад, уҳдадор аст маблағи гирифтаашро баргардонад, инчунин фоизҳо, ҷаримаҳо ва дигар уҳдадориҳоро барои истифодаи қарз пардохт намояд.

Шартномаи қарзи истеъмолӣ аз **Ариза – офертаи қарзгир,** Шартҳои инфиродӣ ва умумии Шартномаи қарзи истеъмолӣ иборат аст.

**«Қарзгир»** - шахси воқеӣ, ки аз Бонк тибқи Шартномаи қарзи истеъмолӣ қарз гирифтааст.

**«Меъёри қарздиҳӣ»** - андозаи ҳадди ниҳоии қарздории яквақтаи Қарзгир дар назди Бонк дар доираи Шартномаи қарзи истеъмолӣ, ки аз ҷониби Бонк муқаррар карда мешавад.

**«Амалиётҳои имтиёзнок»** – амалиётҳои пардохти ғайринақдии молҳо (корҳо, хизматрасониҳо) аз ҷониби Қарзгир дар муассисаҳои савдою хизматрасонӣ, ки ба шабакаи шарикони Бонк тибқи маҳсулотҳои муайян ворид карда шудаанд.

**«Давраи имтиёзнок»** – даврае, ки дар давоми он Қарзгир метавонад аз маблағҳои қарзӣ бо меъёри имтиёзноки фоизӣ мутобиқи Тарофаҳои амалкунандаи Бонк истифода намояд, ба шарте ки шартҳои муайяни баргардонидани қарз риоя карда шаванд.

Барои давраи воқеии истифодаи қарз, ки он аз давомнокии умумии давраи имтиёзноки қарздиҳӣ зиёд набошад, фоизҳо ситонида намешаванд, агар маблағи амалиёте, ки дар Давраи ҳисоботӣ анҷом дода шудааст, пеш аз ба итмом расидани давраи ба он дахлдори имтиёзнок пурра пардохта шавад.

Ҳисоби давомнокии давраи имтиёзноки қарздиҳӣ аз санаи оғози давраи ҳисоботии дахлдор, ки дар он амалиёти хароҷотӣ анҷом дода шудааст, оғоз меёбад.

Мавҷудияти муҳлати имтиёзнок барои қарздиҳӣ ва инчунин давомнокии онро Тарофаҳои Бонк муқаррар мекунанд.

Муҳлати имтиёзноки қарздиҳӣ ба ҳамаи амалиётҳои хароҷотии Қарзгир, ки дар шартҳои Шартномаи қарзи истеъмолӣ пешбинӣ шудаанд, дахл дорад.

**«Пардохти ҳадди ақали ҳатмӣ» (ихтисоран — «ПҲАҲ»)** – як қисми маблағи умумии қарз, ки Қарзгир бояд онро то рӯзи муқарраршуда ба Бонк интиқол диҳад. Пардохти ҳадди ақали ҳатмӣ аз ҷониби Бонк ҳар моҳ дар санаи мувофиқ ба санаи бастани Шартномаи қарзи истеъмолӣ ҳисоб карда мешавад ва аз пардохтҳои зерини моҳи ҳисоботӣ иборат аст:

1. маблағҳои пардохтҳои моҳонаи баробарҳиссаи пешниҳодгардида,
2. фоиз барои истифодаи қарз,
3. дигар қарзҳои пардохтнашуда дар санаи ҳисобкунии ПҲАҲ, ба монанди овердрафти техникӣ (агар бошад), қарзи муҳлатгузаштаи маблағи қарзӣ ва фоизҳо, пеняҳо, ҷаримаҳо, ноустуворонаҳо ва дигар пардохтҳо, агар мавҷуд бошанд.

Маблағи Пардохти ҳадди ақали ҳатмӣ қисми маблағи қарзӣ, фоизи қарз ва комиссияи Бонкро дар бар мегирад. Овердрафти техникӣ, қарзи муҳлатгузашта аз рӯи қарз ва фоизҳо, пеняҳо, ҷаримаҳо, ноустуворонаҳо, агар мавҷуд бошанд, илова ба маблағи ПҲАҲ пардохт карда мешаванд.

Қарздорӣ аз амалиётҳое, ки Қарзгир дар Давраи ҳисоботӣ анҷом додааст ва дар Суратҳисоби бонкӣ дар Давраи ҳисоботии дахлдор инъикос ёфтааст, ба пардохти моҳи ҷорӣ дохил мебошад. Қарздорӣ аз амалиётҳое, ки Қарзгир дар Давраи ҳисоботӣ анҷом додааст ва дар Суратҳисоби бонкӣ дар Давраи ҳисоботии минбаъда инъикос ёфтааст, ба пардохти моҳи пас аз моҳи ҷорӣ дохил карда мешавад.

Барои қарзе, ки дар натиҷаи амалисозии Амалиётҳои имтиёзнок аз ҷониби Қарзгир ба миён омадааст, Пардохти баробарҳисса ҷиҳати пӯшонидани қарзи мазкур пешниҳод карда мешавад.

Ҳангоми пешниҳоди Пардохти баробарҳисса қарзи дар натиҷаи амалисозии Амалиётҳои имтиёзнок аз ҷониби Қарзгир бавуҷудомада ба ҳиссаҳои баробар (пардохтҳои моҳона) вобаста ба миқдори давраҳои Пардохти баробарҳисса, ки ҳангоми пардохти молҳо (корҳо, хизматрасониҳо) бо истифодаи корти ҳисоббаробаркунӣ дар муассисаи мушаххаси савдо ва хизматрасонӣ пешбинӣ шудаанд, тақсим карда мешавад ва маблағи чунин пардохтҳо қарзи асосиро дар доираи Шартномаи қарзи истеъмолӣ барои давраи ҳисоботии дахлдор ташкил медиҳад.

Ба дигар қарзҳое, ки дар натиҷаи иҷрои амалиётҳои ғайримтиёзнок ба миён омадаанд, Пардохти баробарҳиссаи баргардонидани ин қарз тибқи Тарофаҳои Бонк пешниҳод карда мешавад.

Ҳангоми тағйир ёфтани давомнокии давраи пардохти қарз (шумораи давраҳои пардохт) барои амалиёти пардохти молҳо (корҳо, хизматрасониҳо) дар муассисаи мушаххаси савдо ва хизматрасонӣ барои амалиёти иҷрошуда, вале ҳанӯз дар системаи баҳисобгирии Бонк ба қайд гирифта нашуда, давраи баргардонидани қарз бо назардошти давраи пардохти баробарҳисса дар санаи амалиёти пардохти мол (кор, хизматрасонӣ) муқаррар карда мешавад.

Маълумот дар бораи миқдори давраҳои пардохти баробарҳисса, ки ҳангоми пардохти мол (кор, хизматрасонӣ), гирифтани пули нақд бо истифодаи Корти ҳисоббаробаркунӣ пешниҳод карда мешавад, дар шабакаи Интернет дар сомонаи www.ibt.tj ҷойгир карда шудааст.

Муассисаи савдою хизматрасонӣ ҳуқуқ дорад қабули корти ҳисоббаробаркунии Қарзгирро барои пардохти мол (кор, хизматрасонӣ)-и аз ҷониби Қарзгир харидашаванда, ки барои он дар ин сана нархи махсус (дар доираи иқдом) муқаррар карда шудааст, рад кунад, аз ҷумла ҳангоми истифодаи кортҳои тахфифӣ ва дигар барномаҳои ҳавасмандсозии ин муассисаи савдою хизматрасонӣ.

Андозаи Пардохти ҳадди ақали ҳатмӣ дар Иқтибос нишон дода мешавад, ки барои дидан тавассути утоқи шахсии Қарзгир дастрас аст, инчунин маълумот дар бораи қарзи нақшавӣ тибқи Шартнома тавассути паёмак (СМС) ба Қарзгир ирсол карда мешавад.

Талабот оид ба Пардохти ҳадди ақали ҳатмӣ танҳо дар сурати мавҷудияти қарзи воқеӣ тибқи Шартномаи мазкур ба вуҷуд меояд.

**«Меъёри истифоданашудаи қарзӣ»** - маблағи пулие, ки фарқи байни меъёри қарздиҳӣ ва қарздории ҷории Қарзгирро дар назди Бонк тибқи Шартномаи қарзи истеъмолӣ ташкил медиҳад.

**«Қарздории беиҷозат»** - зиёдшавии маблағи амалиёти иҷронамудаи Қарзгир нисбат ба маблағи меъёри истифоданашудаи қарзӣ.

**«Амалиёт»** – пардохтҳои ғайринақдӣ барои пардохти молҳо (хизматрасониҳо) дар муассисаҳои савдо (хизматрасонӣ), гирифтани пули нақд дар нуқтаҳои додани пули нақд ва банкоматҳо, ворид намудани пули нақд ва гузаронидани маблағ ба суратҳисоб, инчунин дархости бақияи суратҳисоб.

**«Давраи ҳисоботӣ» –** давраи байни ду санаи ҳисобкунии Пардохти ҳадди ақали ҳатмӣ, инчунин давраи аз санаи бастани Шартномаи қарзи истеъмолӣ то санаи якуми ҳисобкунии Пардохти ҳадди ақали ҳатмӣ.

**«Пардохти баробарҳисса»** – усули пардохти молҳо (корҳо, хизматрасониҳо) дар муассисаҳои савдо ва хизматрасонӣ бо истифода аз корти ҳисоббаробаркунӣ, ки Қарзгир маблағи пардохти арзиши мол (кор, хизматрасонӣ)-ро бо истифодаи маблағҳои қарзӣ дар доираи меъёри қарзии пешниҳодшуда амалӣ менамояд, баргардонидани қарзи бавуҷудомада бошад, бо ҳиссаҳои баробар бо назардошти миқдори давраҳои пардохти баробарҳисса оид ба амалиёти пардохти мол (кор, хизматрасонӣ) дар муассисаи мушаххаси савдо ва хизматрасонӣ амалӣ карда мешавад.

Санаи оғози давраи пешниҳоди пардохти Баробарҳиссаи насия санаи дар системаи баҳисобгирии Бонк ба қайд гирифта шудани амалиёти иҷрошудаи пардохти молҳо (корҳо, хизматрасониҳо) дар муассисаи савдо ва хизматрасонӣ бо истифодаи корти ҳисоббаробаркунӣ ва ё мушаххасоти (реквизитҳои) он мебошад.

Дар сурати тағйир ёфтани давомнокии давраи пардохти Баробарҳисса (шумораи давраҳои пардохт) оид ба амалиёти пардохти молҳо (корҳо, хизматрасониҳо) дар муассисаи мушаххаси савдо ва хизматрасонӣ, барои амалиёте, ки иҷро шуда, вале ҳанӯз дар системаи баҳисобгирии Бонк ба қайд гирифта нашудааст, давраи пардохти Баробарҳисса бо назардошти давраи муқаррargardidai пардохти Баробарҳисса барои муассисаи савдою хизматрасонӣ дар санаи пардохти мол (кор, хизматрасонӣ) муқаррар карда мешавад.

**«Давраи мунтазирии пардохткунии Пардохти ҳадди ақали ҳатмӣ» («Давраи пардохтӣ») -** давраест, ки дар давоми он Қарзгир бояд Пардохти ҳадди ақали ҳатмиро ҳисобӣ кунад. Давомнокии давраи пардохт тибқи Тарофаҳои Бонк муқаррар карда шуда, аз санаи (рӯзи) ҳисобкунии ПҲАҲ ҳисоб карда мешавад. Дар сурати дар давраи пардохтӣ ПҲАҲ-ро напардохтани Қарзгир, пас аз анҷоми давраи пардохтӣ ноустуворона дар шакли пеня ё ҷарима барои вайрон кардани мухлати пардохти ПҲАҲ ситонида мешавад.

Агар рӯзи охирини Давраи пардохтӣ ба рӯзҳои истироҳат ё ид рост ояд, пас давраи пешбинишуда то рӯзи аввали кории пас аз ин рӯзи истироҳат ё ид дароз карда мешавад.

Пас аз ба охир расидани Давраи пардохтӣ, қисми пардохтнашудаи Пардохти ҳадди ақали ҳатмӣ (фоизҳо ва қарзи асосӣ) ба ҳисоби қарзи мухлатгузашта гузаронида мешаванд. Ҳамзамон, дар ҳолати зарурӣ, агар фоизҳои ҳамчун мухлатгузашта муайяншуда то гузаронидан ҳисоб карда нашуда бошанд, фоизҳо пеш аз гузаронидан аз нав ҳисоб карда мешаванд. Санаи гузаронидан ба ҳисоби мухлатгузашта ба санаи анҷоми Давраи пардохтӣ рост меояд.

**«ПИН-рамз»** – Рақами мушаххаси инфиродӣ мебошад, ки ба корт дода шуда, барои муайяну мушаххас кардани Доранда ҳангоми анҷом додани амалиёт бо истифодаи Корт тавассути терминалҳои электронӣ, банкоматҳо ва дигар воситаҳои дастрасии фосилавӣ ба суратҳисоб истифода мешавад. Истифодаи ПИН-рамз ҳангоми иҷрои амалиёт бо истифодаи Корт барои Бонк тасдиқи далели иҷрои амалиёт аз ҷониби худи Доранда мебошад.

**«Корти ҳисоббаробаркунӣ»** - ҳамчун воситаи электронии пардохт, барои иҷрои амалиёт аз ҷониби Қарзгир дар доираи маблағҳои муқарраркардаи Бонк пешбинӣ шудааст. Дар ҳамин ҳол ҳисоббаробаркуниҳо аз рӯи ин амалиётҳо аз ҳисоби маблағҳои Қарзгир, ки дар Суратҳисоби бонкии ӯ мавҷуданд ё қарзе, ки Бонк ба Қарзгир тибқи Шартномаи қарзи истеъмолӣ пешниҳод менамояд, амалӣ карда мешаванд.

**«Маблағҳои озод»** - маблағҳои шартномавӣ, ки муштарӣ метавонад онро ихтиёрдорӣ кунад. Бақияи суратҳисоб ва меъёри қарзӣ бо тарҳ кардани маблағи дар корт сабтшуда ва маблағи барои комиссияҳо захирашуда, якҷоя маблағҳои озодро ташкил медиҳанд. Ҳангоми зиёд шудани бақияи маблағ ё меъёри қарзӣ, маблағҳои озод зиёд мешаванд. Ҳангоми гирифтани маблағ аз суратҳисоб ё кам шудани меъёри қарзӣ, маблағҳои озод кам мешаванд.

**«Системаи «Интернет-бонк»** – системаи хизматрасонии фосилавии бонкӣ – маҷмӯи васоити барномавӣ-абзориест, ки ба Бонк имкон медиҳад, ба Мизоҷ ҳангоми тасдиқи воқеии мушаххасоташ ҷиҳати иҷрои фосилавии амалиётҳои бонкӣ, инчунин гирифтани хизматрасониҳои иттилоотӣ тавассути шабакаи Интернет бо истифода аз воситаҳои ҳифзи криптографии иттилоот имконият фароҳам оварда шавад.

**«Амалиётҳои стандартӣ»** – амалиётҳои аз ҷониби Мизоҷ гирифтани пули нақд, пардохтҳои ғайринақдӣ бо истифода аз Корти ҳисоббаробаркунӣ ё мушаххасоти он дар муассисаҳои савдо ва хизматрасонӣ, ки ба Шабакаи шарикии Бонк ворид нестанд, инчунин амалиётҳои пардохтҳои ғайринақдӣ бо истифодаи системаи Интернет-бонк, ки аз ҳисоби меъёри қарзӣ амалӣ карда мешаванд. Мизоҷ метавонад амалиётҳои стандартиро танҳо дар ҳаҷм ва бо шартҳое, ки Бонк дар Тарофаҳои Бонк муайян кардааст, анҷом диҳад.

**«Таҷҳизоти худхизматрасонӣ»** - маҷмӯи электронии барномавӣ-техникӣ, ки барои иҷрои амалиётҳои қабул ва/ё додани пули нақд бе иштироки корманди Бонк пешбинӣ гардидааст.

## 2. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

2.1. Талаботи мушаххасе, ки шахсони воқеии хоҳишманди гирифтани қарз тибқи ҳамин Шартҳои умумӣ бояд бо он мутобиқат намоянд, андозаи ҳадди ақкал ва ҳадди ниҳоии маблағи қарз барои як Қарзгир, мӯҳлати қарз, андозаи фоизҳо барои истифодаи қарз, пардохтҳои дигар, ки дар Шартномаи қарзи истеъмолӣ пешбинӣ шудаанд, инчунин дигар шартҳо тавассути ҷойгир намудани иттилооти дахлдор дар ҷойҳои ба ҳамагон дастрас (лавҳаҳои иттилоотӣ дар дафтарҳои кории Бонк, дар сомонаи расмии Бонк дар шабакаи Интернет бо нишонии: www.ibt.tj , дар васоити ахбори омма ва ғ.) ба маълумоти Қарзгирони эҳтимолӣ расонида мешаванд.

Шартҳои умумии Шартномаи қарзи истеъмолӣ қисми таркибии «Шартномаи универсалӣ оид ба хизматрасонии маҷмӯии бонкӣ барои шахсони воқеӣ»-и ҶСП «Бонки байналмилалии Тоҷикистон» ва Шартҳои инфиродии Шартномаи қарзи истеъмолӣ мебошанд. Шартномаи қарзи истеъмолӣ аз Шартҳои умумӣ ва Шартҳои инфиродӣ иборат аст. Шартномаи қарзи истеъмолӣ метавонад унсурҳои шартномаҳои дигар (шартномаи омехта)-ро дар бар гирад, агар ин ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолиф набошад.

## 3. МАҚСАД, ТАРТИБИ ДОДАН ВА БАРГАРДОНИДАНИ ҚАРЗ

3.1. Маблағҳои қарзӣ тибқи Шартнома дар шакли ғайринақдӣ дар ҳудуди меъёри қарзии муқарраршуда барои аз ҷониби Қарзгир пардохтани арзиши молҳо (корҳо, хизматрасониҳо) бо истифодаи корти ҳисоббаробаркунӣ дар муассисаҳои савдою хизматрасонӣ, ки ба шабакаи шарикони Бонк ворид мебошанд, ё барои пардохтани арзиши молҳо (корҳо, хизматрасониҳо) тавассути хадамоти пардохтии муассисаҳое, ки ба шабакаи мазкури шарикон дохил ҳастанд, пешниҳод карда мешаванд. Ҳамаи амалиётҳои зикршуда ба Амалиётҳои имтиёзнок мансуб мебошанд. Инчунин, ба Қарзгирон метавонад имкони амалисозии чунин Амалиётҳои стандартӣ фароҳам оварда шавад: гирифтани пули нақд, пардохтҳои ғайринақдӣ бо истифода аз корт ё мушаххасоти он, аз ҷумла. бо истифода аз хизматрасонии Интернет-бонк, ки аз

ҳисоби меъёри муқарраршуда амалӣ карда мешаванд. Иҷрои Амалиётҳои стандартӣ аз ҷониби Қарзгир фақат дар ҳаҷм ва шартҳое, ки Бонк дар Тарофаҳои Бонк муайян кардааст, имконпазир аст.

3.2. Шартномаи қарзи истеъмолӣ аз лаҳзаи шартномаи мазкуррро имзо намудани Бонк ва Қарзгир ва кушодани меъёри қарзӣ ба Қарзгир басташуда маҳсуб меёбад.

3.3. Пешниҳоди қарзи истеъмолӣ ба Қарзгир аз ҷониби Бонк бо роҳи татбиқи амалҳои зерин иҷро карда мешавад:

3.3.1. Кушодани Суратҳисоби бонкӣ ба Қарзгир мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;

3.3.2. Кушодани меъёри қарз мутобиқи Шартномаи қарзи истеъмолӣ;

3.3.3. Ба имзо расонидани Шартҳои инфиродии Шартномаи қарзи истеъмолӣ аз ҷониби Бонк ва Қарзгир;

3.3.4. Гирифтани Шартҳои умумии Шартномаи қарзи истеъмолӣ аз ҷониби Қарзгир тибқи дархосташ;

3.3.5. Ба Қарзгир додани Корти ҳисоббаробаркунӣ бо меъёри муқарраршуда (қарз тавассути гузаронидани маблағ аз ҷониби Бонк ба Суратҳисоби бонкии Қарзгир пешниҳод гардида, ҳангоми маблағҳои қарзиро тавассути Корти ҳисоббаробаркунӣ истифода намудани Қарзгир қарздорӣ дар ҳисоби қарзӣ инъикос карда мешавад).

3.4. Барои истифодаи қарз Қарзгир ба Бонк фоиз пардохт менамояд, ки он ба маблағи қарзи асосӣ барои тамоми давраи истифодаи воқеии қарз, аз ҷумла бо назардошти санаи пардохти қарз ва пардохти фоизи он, барои ҳар рӯзи тақвимӣ, бо назардошти рӯзҳои тақвимии сол (мутаносибан 365, 366 рӯз) ҳисоб карда мешавад. Мӯҳлати истифодаи қарз барои ҳисоб кардани фоизҳо аз рӯзи пас аз гирифтани қарз то рӯзи ба ҳисоби қарзӣ ворид шудани маблағи қарз бо назардошти он рӯз, муайян карда мешавад.

3.5. Фоизҳо барои истифодаи қарз (як қисми қарз) ба бақияи қарздорӣ, ки дар ҳисоби дахлдор дар аввали рӯзи амалиётӣ ба ҳисоб гирифта шудааст, ворид карда мешавад. Пардохти қарз, пардохти фоизҳо барои истифодаи қарз аз ҷониби Қарзгир тибқи Шартномаи қарзи истеъмолӣ амалӣ карда мешавад.

3.6. Пардохти қарз, инчунин фоизҳо барои истифодаи қарз ҳангоми ворид шудани ҳама гуна маблағ ба Суратҳисоби бонкии Қарзгир, сарфи назар аз санаи дар Шартномаи қарзи истеъмолӣ пешбинишуда, барои давраи воқеии истифодаи қарз бо роҳи аз Суратҳисоби бонкӣ ситонидани маблағҳои пулӣ дар асоси пазириш (аксепт)-и қаблан додашуда сурат мегирад. Ҳангоми ба Суратҳисоби бонкӣ ворид шудани маблағе, ки аз Пардохти ҳадди ақали ҳатмӣ зиёд аст, бозпардохти нақшавии давраҳои оянда пардохтҳои баробарҳисса бо назардошти мӯҳлати бозхости қарзи мазкур ва навбати ба вуҷуд омадани он дар натиҷаи гузаронидани амалиётҳои имтиёзнок, амалӣ карда мешавад.

Агар мухлати баргардонидани қарз, пардохти фоизҳо ба рӯзи ғайрикорӣ рост ояд, пас рӯзи кории пас аз ин рӯз оянда санаи пардохт ҳисобида мешавад.

3.7. Баргардонидани қарз, пардохти фоизҳо, пардохти комиссия барои барориш ва хизматрасонии Корти ҳисоббаробаркунӣ, ҷаримаҳо аз ҷониби Қарзгир тавассути ворид кардани пули нақд ба хазинаи Бонк ё таҷҳизоти худхизматрасонии Бонк ва ё бо тартиби ғайринақдӣ бо роҳи гузаронидани маблағ ба ҳисоби муросилотии Бонк ва ситонидани маблағ аз ҷониби Бонк аз ҳисобҳои дар Бонк кушодаи Қарзгир дар асоси пазириш (аксепт)-и қаблан додашудаи ӯ сурат мегирад.

Лаҳзаи иҷрои уҳдадориҳои Қарзгир оид ба баргардонидани қарз, пардохти фоизи қарз, ҷаримаҳо бояд рӯзи ба хазинаи бонк ё таҷҳизоти худхизматрасонии Бонк ворид намудани маблағ ва ё рӯзи ба ҳисоби муросилотии Бонк гузаронидани маблағ ҳисобида шавад, ҳангоми гузаронидани маблағи ғайринақдӣ, агар маблағ то соати 18:00 (то соати 15:00 - ҳангоми гузаронидани маблағ тавассути таҷҳизоти худхизматрасонии Бонк) бо вақти маҳаллӣ ворид шуда бошад. Тамоми маблағҳое, ки ба Бонк барои баргардонидани қарз тибқи Шартномаи қарзи истеъмолӣ пас аз соати 18:00 (пас аз соати 15:00 - ҳангоми гузаронидани маблағ тавассути таҷҳизоти худхизматрасонии Бонк) бо вақти маҳаллӣ сурат гирифтааст, ҳамчун дар рӯзи дигари бонкӣ воридгардида ҳисобида мешаванд.

3.8. Дар сурати пеш аз мухлат баргардонидани қарз (як қисми қарз), фоизи истифодаи қарз барои миқдори воқеии рӯзҳои истифодаи қарз пардохт карда мешавад. Дар сурати пеш аз мухлат баргардонидани тамоми маблағи қарз, Қарзгир бо Бонк пурра, аз ҷумла фоизҳои истифодаи қарзро низ ҳисобӣ мекунад. Дар сурати аз ҷониби Қарзгир ворид кардани маблағе, ки аз Пардохти ҳадди ақали ҳатмӣ зиёд аст, бозпардохти нақшавии давраҳоиояндаи пардохтҳои баробарҳисса бо назардошти мухлати бозхости қарзи мазкур ва навбати ба вуҷуд омадани он дар натиҷаи гузаронидани амалиётҳои имтиёзнок, амалӣ карда мешавад.

3.9. Уҳдадориҳои қарзгир аз рӯи Шартномаи қарзи истеъмолӣ мутобиқи Шартномаи қарзи истеъмолӣ ба вуҷуд меоянд ва иҷро мегарданд.

Маблағҳои барои бозпардохти қарздории Қарзгир дар назди Бонк аз ҷониби Бонк гирифташуда, новобаста аз таъиноти пардохт, ки дар ҳуҷҷати пардохтӣ нишон дода шудааст, қарздории Қарзгирро бо тартиби зерин мепӯшонанд:

а) пардохти фоизҳои мухлатгузашта барои истифодаи қарз;
б) пардохти маблағи мухлатгузаштаи қарзи асосӣ;
в) пардохти ноустуворона (ҷарима, пеня);
г) пардохти фоизҳое, ки барои давраи ҷории пардохтӣ ҳисоб шудааст;
д) пардохти маблағи қарзи асосӣ барои давраи ҷории пардохтӣ;

е) дигар пардохтҳо, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ё Шартномаи қарзи истеъмолӣ пешбинӣ кардаанд.

Бозпардохти қарз вобаста ба бандҳои тартиби дар боло зикршуда, дар дохили ҳар банд вобаста ба мухлати ба амал омадани он сурат гирифта, дар навбати аввал пардохтҳое амалӣ мешаванд, ки мухлати иҷрояшон мутобиқи шартҳои Шартномаи қарзи истеъмолӣ барвақттар мебошад.

3.10. Ҳуқуқи Бонк оид ба талаби иҷрои уҳдадориҳо тибқи Шартномаи қарзи истеъмолӣ наметавонад бо роҳи ба ҳисоб гирифтани даъвои мутақобили Қарзгир ба Бонк адо карда шавад.

3.11. Бонк ҳуқуқ дорад меъёри қарзро коҳиш диҳад, зиёд намояд, бекор кунад ва дар ин бора Қарзгирро тавассути ҳама гуна воситаи алоқа огоҳ созад (аз ҷумла, ирсоли мактуб ба суроғаи ҷойи истиқомат ё тавассути почтаи электронии Қарзгир, ирсоли паёмак (СМС) ба телефони мобилии Қарзгир, ки маълумоти онҳоро Қарзгир пешниҳод намудааст ва ғ.).

Бо мақсади назорати вазъи молиявии қарзгир, Бонк ҳуқуқ дорад ба таври якҷониба тибқи тартиби муқарраркардаи сархати якуми ҳамин банд, меъёри қарзиро баробар ба қарзи ҷории Қарзгир муқаррар намояд. Дар давраи назорати вазъи молиявии Қарзгир, Бонк ҳуқуқ дорад бидуни фаҳмондани сабабҳо, пешниҳоди қарз ба Қарзгирро рад намояд.

Зиёд намудани меъёри қарзӣ дар санаи дар огоҳинома пешбинишуда сурат мегирад. Қарзгир ҳуқуқ дорад, ки на дертар аз рӯзи дигари пас аз гирифтани огоҳинома бо дилхоҳ воситаи дастрас ин тағйиротро рад кунад. Аз ҷониби Қарзгир анҷом додани амалиётҳо бо истифода аз маблағи меъёри зиёдшуда маънои онро дорад, ки Қарзгир ба тағйироти андозаи меъёри қарз розӣ шудааст. Бонк ҳуқуқ дорад ба таври якҷониба ба Қарзгир пешниҳоди меъёри истифоданашударо рад кунад, меъёри қарзро бидуни сабаб ва бидуни огоҳӣ кам ё бекор кунад, агар ҳамин Шартҳо риоя нашаванд, инчунин агар асосҳое мавҷуд бошанд, ки аз сари вақт барнагаштани меъёри қарз ё як қисми он ба таври возеҳ шаҳодат диҳанд (масалан, ҳангоми мавҷудияти асос барои пеш аз мухлат баргардонидани қарз ва ғ.). Дар сурати аз мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ё дигар мақомоти ваколатдори давлатӣ ба Бонк ворид шудани қарор ё санадҳои дигар дар бораи ҳабси маблағҳои суратҳисобҳои Қарзгирон, меъёри овердрафт то лаҳзаи аз ҷониби Бонк гирифтани қарор дар бораи бардоштани ҳабс бекор карда мешавад.

## 4. ҲУҚУҚУ УҲДАДОРИҲОИ ҚАРЗГИР

4.1. Қарзгир уҳдадор аст:

4.1.1. Қарзро дар мухлати муқаррарнамудаи Шартномаи қарзи истеъмолӣ баргардонад.

4.1.2. Ба Бонк фоизҳо барои истифодаи қарз, инчунин дигар пардохтҳои пешбининамудаи Шартномаи қарзи истеъмолиро пардохт намояд.

4.1.3. Дар ҳолати дуздида шудан, гум кардан ё бандсозии Корти ҳисоббаробаркунӣ фавран хабар диҳад ва шахсан ба Бонк ҳозир шавад. Дар сурати гум кардани Корти ҳисоббаробаркунӣ Қарзгир мутобиқи Тарофаҳои Бонк барои аз нав баровардани Корти ҳисоббаробаркунии гумшуда комиссия пардохт менамояд.

4.1.4. Ба истифодаи Корти ҳисоббаробаркунӣ аз ҷониби шахсони сеюм роҳ надиҳад ва ба шахсони сеюм рамзи Корти ҳисоббаробаркуниро хабар надиҳад. Дар ҳолати ба вуҷуд омадани тахмин дар бораи он ки рамзи Корти ҳисоббаробаркунӣ ба ғайр аз Қарзгир ба ягон нафари дигаре маълум аст, Қарзгир вазифадор аст, ки фавран ба Бонк ҳозир шуда, рамзи Корти ҳисоббаробаркуниро иваз намояд.

4.1.5. Дар ҳолати маҳкам шудани суратҳисоб ва/ё ба анҷом расидани муҳлати амали Корти ҳисоббаробаркунӣ корти мазкурро ба Бонк баргардонад.

4.1.6. Ба таври хаттӣ ба Бонк дар бораи тағйироти маълумоти шахсии дар ариза-дархости Қарзгир нишондодашуда, дар бораи роҳҳои иртибот ва инчунин дар бораи ҳамаи дигаргуниҳои дигаре, ки барои пурра ва саривақт иҷро кардани уҳдадориҳо тибқи Шартномаи қарзи истеъмолӣ заруранд, дар давоми 5 (панҷ) рӯзи корӣ аз лаҳзаи ба вуқуъ пайвастани ҳолати мазкур хабар диҳад, инчунин аз лаҳзаи ба вуқуъ пайвастани ҳолатҳои зерин ба таври хаттӣ Бонкро огоҳ намояд:

- дар бораи оғоз гардидани мурофиаи махсус нисбат ба худ дар бораи эътироф намудани шаҳрванди дорои қобилияти маҳдуди фаъолият ва қобилияти корношоямӣ, дар бораи барқарорсозии сабти ғалат дар китоби сабтҳои ҳолати шаҳрвандӣ, дар бораи оғози парвандаҳои дигари гражданӣ ё ҷиноятӣ, дар давоми 5 (панҷ) рӯзи кории пас аз рӯзи огоҳ шудани Қарзгир аз дилхоҳ ҳолатҳои дар боло зикршуда;
- дар бораи нияти пешниҳод/пешниҳод ё мавҷудияти маълумот дар бораи пешниҳоди ариза оид ба муфлис эътироф кардани худ; дар бораи баровардани таъиноти судӣ нисбат ба худ дар бораи асоснок донистани аризаи мазкур ва ҷорӣ кардани таҷдиди сохтори қарзҳои шаҳрванд, дар бораи беасос эътироф кардани аризаи мазкур ва бе баррасӣ гузоштани он, дар бораи беасос эътироф кардани аризаи мазкур ва қатъ намудани мурофиаи муфлисии шаҳрванд, инчунин дар бораи қабули қарори суд оид ба муфлис эътироф кардани шаҳрванд ва ҷорӣ намудани фурӯши амвол на дертар аз рӯзи пас аз рӯзи содиршавии амалҳои зикршуда/гирифтани иттилоъ/аз ҷониби суд қабул шудани қарор/таъиноти дахлдор.

4.1.7. Қарзгир вазифадор аст, ки барои истифодаи хизматрасонии Интернет-бонк дастрасӣ ба шабакаи Интернетро фароҳам орад, тамоми амалиёти иҷрошавандаро тибқи Иқтибос, ки тавассути ин хизматрасонӣ ё тавассути дигар роҳҳои мубодилаи иттилооти дар Шартномаи қарзи истеъмолӣ пешбинигардида ирсол шудааст, назорат кунад.

4.2. Қарзгир ҳуқуқ дорад:

4.2.1. Пеш аз муҳлат қарзро баргардонад ва фоизҳо барои истифодаи қарзро пардохт намояд.

4.2.2. Пас аз бастани Шартномаи қарзи истеъмолӣ, Қарзгир ҳуқуқ дорад тибқи дархости худ ба Бонк, моҳе як маротиба – ройгон, ва ба миқдори номаҳдуд – ба таври пулакӣ тибқи тарофаҳои Бонк дар бораи андозаи қарзи ҷории худ дар назди Бонк, дар бораи санаҳо ва андозаи пардохтҳои кардашуда ва дарпешистода тибқи Шартномаи қарзи истеъмолӣ тавассути хизматрасонии Интернет-бонк ё дигар роҳҳои мубодилаи иттилооти дар Шартномаи қарзи истеъмолӣ пешбинишуда маълумот бигирад.

4.2.3. Дар дилхоҳ вақт зиёдкунии меъёри қарздиҳиро бо пешниҳоди аризаи дахлдор ба Бонк ва пӯшонидани қарздории суратҳисоб (агар дошта бошад), рад намояд.

## 5. ҲУҚУҚУ УҲДАДОРИҲОИ БОНК

5.1. Бонк ҳуқуқ дорад аз Қарзгир пешниҳоди дилхоҳ ҳуҷҷатеро, ки вазъи молиявии Қарзгирро инъикос менамояд, инчунин дигар иттилоъ ва ҳуҷатҳоеро талаб намояд, ки барои амалисозии назорати бонкӣ заруранд.

5.2. Бонк ҳуқуқ дорад аз Қарзгир ба таври якҷониба (ғайрисудӣ) баргардонидани пеш аз муҳлати қарзро дар сурати аз ҷониби Қарзгир вайрон шудани шартҳои Шартномаи қарзи истеъмолӣ нисбат ба муҳлати баргардонидани маблағи қарзи асосӣ ва (ё) пардохти фоизҳо ба муддати (муддати умумии) зиёда аз 60 (шаст) рӯзи тақвимӣ талаб намояд.

5.3. Дар сурати қабули қарор дар бораи аз Қарзгир пеш аз муҳлат ситонидани қарз, Бонк ба Қарзгир ба суроғаи ҷои истиқомати воқеие, ки Қарзгир дар Ариза оид ба пешниҳоди қарз нишон додааст, ё ба суроғаи нави маҳалли зисти воқеӣ дар сурати аз Қарзгир гирифтани огоҳиномаи хаттии дахлдор дар бораи тағйир додани суроғаи ҷои воқеии истиқомат ё ба рақами телефон, тавассути шабакаи Интернет ё дигар роҳу воситаҳо огоҳиномаи хаттӣ ё дигар хабарнома ирсол менамояд. Қарзгир вазифадор аст, ки тамоми қарздории худро (бо назардошти маблағи қарзи асосӣ, фоизи қарз, ҷаримаҳо) дар муҳлати дар огоҳинома муайяннамудаи Бонк пардохт намояд. Шартҳо оид ба муҳлати пардохти қарз (як қисми қарз) аз санае, ки Бонк дар огоҳинома муайян кардааст, тағйирёфта ба ҳисоб меравaнд. Санаи огоҳинома санаи фиристодани он ба суроғаи Қарзгир маҳсуб меёбад. Агар Қарзгир тамоми қарзро дар муҳлати муқарраршуда пардохт карда натавонад, Бонк барои ситонидани қарз тибқи Шартномаи қарзи истеъмолӣ ва дигар зарарҳои ба Бонк расонидашуда ба суд муроҷиат мекунад.

5.4. Агар Қарзгир уҳдадориҳояшро тибқи Шартномаи қарзи истеъмолӣ ё дигар уҳдадориҳои худро дар назди бонк иҷро накунад, Бонк ҳуқуқ дорад маблағҳои дар суратҳисоби бонкӣ ё дигар суратҳисобҳои дар Бонк кушодаи ӯро барои пӯшонидани қарз тибқи Шартномаи қарзи истеъмолӣ (аз ҷумла, маблағи қарз

(қисми қарз), фоизҳо барои истифодаи қарз, ҷаримаҳо) бидуни фармоиши иловагии Қарзгир дар асоси пазирише, ки аз ҷониби Қарзгир пешакӣ дода шудааст, равона намояд.

5.5. Бонк ҳуқуқ дорад ба таври якҷониба меъёри фоизҳоро коҳиш диҳад, ҳаққи барои хизматрасонӣ дар Шартномаи қарзи истеъмолӣ пешбинишударо коҳиш диҳад ё бекор кунад, андозаи ноустуворона (ҷарима, пеня)-ро кам намояд ва ё онро пурра ё қисман бекор кунад, давраеро таъин кунад, ки дар давоми он ноустуворона ситонида намешавад ё дар бораи бекор кардани ситонидани ноустуворона (пеня, ҷарима) қарор қабул кунад, инчунин шартҳои умумии Шартномаи қарзи истеъмолиро тағйир диҳад, ба шарте ки он боиси ба вуҷуд омадани уҳдадориҳои пулии нав ё афзоиши ҳаҷми уҳдадориҳои пулии мавҷуда тибқи Шартномаи қарзи истеъмолӣ нагардад, дар бораи тағйири шартҳои Шартномаи қарзи истеъмолӣ тавассути хизматрасонии Интернет-бонк, ё дигар воситаҳои табодули иттилоот, ки Шартномаи қарзи истеъмолӣ пешбинӣ намудааст, на дертар то 5 (панҷ) рӯзи корӣ то лаҳзаи тағйири шартҳо огоҳинома ирсол намояд.

5.6. Бонк вазифадор аст, ки на дертар аз рӯзи дигари корӣ аз лаҳзаи амалиёт аз рӯйи суратҳисоб маълумот дар бораи иҷрои ҳар як амалиёт бо истифодаи Корти ҳисоббаробаркунӣ, иқтибос дар бораи ҳаҷми қарздории Қарзгир, дар бораи сана ва андозаи пардохтҳои амалишуда, маблағи дастраси қарзи истеъмолӣ бо меъёри қарзӣ, инчунин дигар маълумотро, ки Шартномаи қарзи истеъмолӣ дар бар гирифтааст, тавассути хизматрасонии Интернет-бонк пешниҳод кунад.

5.7. Ҳангоми ба вуҷуд омадани қарзи мухлатгузаштаи Қарзгир тибқи Шартномаи қарзи истеъмолӣ, Бонк вазифадор аст дар ин бора Қарзгирро на дертар аз 7 (ҳафт) рӯзи тақвимӣ аз лаҳзаи ба вуҷуд омадани қарз тавассути хизматрасонии Интернет-бонк ва ё тавассути роҳи дигари табодули иттилоот, ки дар Шартномаи қарзи истеъмолӣ пешбинӣ шудааст, огоҳ созад.

5.8. Дар сурати аз ҷониби Қарзгир пеш аз мухлат баргардонидани тамоми маблағи қарзи истеъмолӣ ё як қисми он, Бонк дар давоми 5 (панҷ) рӯзи тақвимӣ аз санаи гирифтани огоҳиномаи Қарзгир, дар асоси маблағи пеш аз мухлат пардохтшавандаи қарзи истеъмолӣ вазифадор аст, ки маблағи қарзи асосӣ ва фоизҳоро барои давраи истифодаи воқеии қарзи истеъмолӣ аз ҷониби Қарзгир дар рӯзи огоҳ сохтани пардохти пеш аз мухлат ҳисоб намояд ва иттилои мазкурро тавассути хизматрасонии Интернет-бонк ва ё тавассути роҳи дигари табодули иттилоот, ки дар Шартномаи қарзи истеъмолӣ пешбинӣ шудааст, пешниҳод кунад. Ҳамзамон, Бонк ба Қарзгир маълумот дар бораи бақияи маблағ дар суратҳисоби бонкии Қарзгирро низ пешниҳод менамояд.

5.9. Бонк ҳуқуқ дорад ба Қарзгир дигар хизматрасониҳои пулакӣ, аз ҷумла хизматрасонии огоҳнамоӣ тавассути СМС-паёмакро тибқи Тарофаҳои Бонк пешниҳод кунад.

5.10. Бонк дар сурати аз ҷониби Қарзгир риоя нагардидани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин талабот ва қоидаҳои муқаррарнамудаи Бонк ҳуқуқ дорад кортро бандад, амалиётҳои хароҷотиро бандад, иваз кардан ё додани Корти нави ҳисоббаробаркуниро рад кунад.

5.11. Бонк ҳуқуқ дорад бо мақсади таъмини амният ва хизматрасонии муносиб ба Қарзгир, бидуни огоҳии иловагии ӯ дар биноҳо ва дар дастгоҳҳои худ назорати видеоӣ, инчунин сабти телефониро ба роҳ монад. Сабтҳои видеоӣ ва сабти гуфтугӯҳои телефонӣ метавонанд ҳамчун далел дар мурофиаҳои судӣ истифода шаванд.

5.12. Дар сурати аз ҷониби Қарзгир вайрон гардидани шартҳои Шартномаи қарзи истеъмолӣ дар робита бо мӯҳлати баргардонидани қарзи асосӣ ва (ё) пардохти фоизҳо, Бонк ҳуқуқ дорад қарзро тибқи Шартномаи қарзи истеъмолӣ ба таври ғайрисудӣ бо роҳи амалисозии варақаи иҷрои нотариус ситонад. Мувофиқи варақаи иҷрои нотариус, Бонк ҳуқуқ дорад маблағи қарзи асосӣ, фоизҳо ва ноустуворонаҳо аз рӯи қарзи истеъмолӣ, инчунин хароҷоти аз ҷониби Бонк вобаста ба иҷрои варақа кардашударо ситонад. Нотариус ба Қарзгир дар робита ба амал баровардани варақаи иҷро дар давоми 3 (се) рӯзи корӣ аз рӯзи амалисозии он огоҳӣ ирсол менамояд. Ситониш тибқи варақаи иҷро бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои иҷрои қарорҳои суд сурат мегирад.

5.13. Бонк ҳуқуқ дорад бидуни розигии Қарзгир тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқҳои худро тибқи Шартнома ба шахсони сеюм диҳад, вогузор намояд ё ба тариқи дигар бегона кунад.

## 6. МАСЪУЛИЯТИ ҚАРЗГИР

6.1. Ҳангоми вайрон кардани мӯҳлати баргардонидани қарз (як қисми қарз) Қарзгир ба Бонк ноустуворона дар шакли пеня ё ҷарима мутобиқи Тарофаҳои Бонк пардохт менамояд.

6.2. Дар ҳолати иҷро накардан ё иҷрои номатлуби ӯҳдадориҳои худ дар назди Бонк Қарзгир мутобиқи шартҳои Шартномаи қарзи истеъмолӣ масъулият дорад.

## 7. СУРАТҲИСОБҲОИ БОНКИИ ҚАРЗГИР. РЕҶАИ АМАЛИ ОНҲО

7.1. Ин боби Шартҳои умумӣ муносибатҳои ҷонибҳоро оид ба кушодан, пешбурд ва бастани суратҳисоби бонкии қарзгир танзим мекунад.

7.2. Суратҳисоби бонкии Қарзгир барои қабул кардани маблағҳои пулии Қарзгир ё маблағҳои барои Қарзгир аз шахсони сеюм воридгардида, инчунин барои анҷом додани амалиётҳои дигари пешбининамудаи Кодекси гражданӣ ва дигар санадҳои қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла амалиётҳои зерин бо тартиб ва мӯҳлатҳои муқаррарнамудаи Шартномаи қарзи истеъмолӣ, пешбинӣ гардидааст:

7.2.1. Ба Суратҳисоби бонкӣ ворид кардани маблағи қарзи пешниҳодшуда мутобиқи шартҳои Шартномаи қарзи истеъмолӣ ва фармоиши Қарзгир. Бонк

маблағҳоро ба Суратҳисоби бонкии Қарзгир бо ҳама гуна мушаххасоти (реквизитҳои) муайяннамудаи Бонк мегузаронад.

7.2.2. Гузаронидани маблағи қарз аз Суратҳисоби бонкии Қарзгир тибқи фармоиши Қарзгир, ки ба Бонк дар Шартномаи қарзи истеъмолӣ, ариза барои гирифтани қарзи истеъмолӣ додааст (бо розигии шифоҳии Қарзгир барои пайваст кардани хизматрасонӣ ва тасдиқи ин розигӣ тавассути СМС-паёмак дар сурати мавҷудияти маблағ дар Суратҳисоби бонкӣ), тибқи мушаххасот (реквизитҳо)-е, ки дар Шартномаи қарзи истеъмолӣ нишон дода шудааст, на дертар аз рӯзи дигари бонкӣ пас аз ба Суратҳисоби бонкии Қарзгир ворид шудани маблағи қарз.

7.3. Кушодани Суратҳисоби бонкии Қарзгир ва гузаронидани амалиётҳо дар ин суратҳисобҳо аз ҷониби Бонк, ки ба додани маблағи қарз ба Қарзгир ва ба Суратҳисоби бонкӣ гузаронидани он иртибот дорад, ройгон амалӣ карда мешавад.

Пардохт барои дигар амалиётҳои суратҳисобҳо, ки дар боло зикр нашудаанд, мувофиқи тарофаҳои Бонк сурат мегирад.

7.4. Бонк барои таъхири пардохтҳо дар Суратҳисоби бонкии Қарзгир, ки на бо гуноҳи Бонк рух додааст, аз ҷумла, дар натиҷаи аз кор баромадан (нуқси) техникӣ ба амал омадааст, масъул нест.

7.5. Ҳангоми иҷрои пурра ва муносиби уҳдадориҳо тибқи Шартномаи қарзи истеъмолӣ аз ҷониби Қарзгир, Шартномаи суратҳисоби бонкӣ бо асосҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ қатъ карда мешавад.

7.6. Шартномаи суратҳисоби бонкӣ бо аризаи Қарзгир дилхоҳ вақт қатъ карда мешавад. Қатъи Шартномаи суратҳисоби бонкӣ барои бастани Суратҳисоби бонкии Қарзгир асос мебошад.

7.7. Бонк ба Қарзгир барои гузаронидани амалиётҳо аз ҷониби ӯ Корти ҳисоббаробаркунӣ пешниҳод менамояд, ки ҳисоббаробаркуниҳо дар он аз ҳисоби маблағҳое амалӣ мегардад, ки бонк ба Қарзгир дар ҳудуди меъёри муқарраршудаи қарз тибқи шартҳои Шартномаи қарзи истеъмолӣ пешниҳод кардааст.

7.8. Комиссия барои барориш ва хизматрасонии Корти ҳисоббаробаркунӣ, тартиб ва муҳлати пардохти он тибқи Шартномаи қарзи истеъмолӣ ва Тарофаҳои Бонк муайян карда мешавад.

## 8. КОРТИ ҲИСОББАРОБАРКУНӢ

8.1. Корти ҳисоббаробаркунӣ моликияти Бонк буда, пас аз анҷоми амали Шартномаи суратҳисоби бонкӣ Қарзгир вазифадор аст онро баргардонад.

8.2. Бонк барои оқибатҳои иҷрои фармоишҳое, ки шахсони бесалоҳият додаанд, масъулият надорад, дар сурате, ки Бонк бо истифодаи расмиёти пешбининамудаи Қоидаҳои бонкӣ ва Шартномаи суратҳисоби бонкӣ

натавонистааст далелҳои додани фармоишро аз ҷониби шахсони бесалоҳият муқаррар намояд.

8.3. Ҷонибҳо эътироф менамоянд, ки амалиётҳои пардохтии бо истифодаи Корт иҷрошуда аз ҷиҳати ҳуқуқӣ бо дархостҳои Қарзгир барои гузаронидани ғайринақдии маблағҳо аз Суратҳисоби бонкӣ баробар аст.

8.4. Қарзгир вазифадор аст, кифоятии маблағҳои пулиро дар суратҳисоб барои иҷрои амалиётҳо бо назардошти пардохти хизматрасониҳои Бонк, хизматрасониҳои бонкҳои иштирокчии низомҳои пардохтӣ назорат намояд, ва ба зиёдшавии меъёри қарзӣ тибқи Шартномаи қарзи истеъмолӣ роҳ надиҳад. Агар маблағи амалиётҳо дар Суратҳисоби бонкии қарзгир аз меъёри қарзӣ зиёд шуда бошад, ва дар ин ҳол бо вуҷуди нокифоятӣ / набудани маблағ барои коркарди онҳо дар Суратҳисоби бонкии худ ӯ ҳамчунон иҷрои амалиётҳоро идома диҳад, Бонк ҳуқуқ дорад барои боздоштани интиқоли минбаъдаи маблағҳо аз суратҳисоби Қарзгир чораҳои зарурӣ андешад.

8.5. Амалиётҳоро бо истифодаи Корт фақат Дорандаи корт иҷро карда метавонад.

8.6. Барориши Корт дар асоси аризаи Қарзгир амалӣ карда мешавад. Бонк Кортро ба Қарзгир дар дафтари кории Бонк месупорад ё онро ба Қарзгир бо суроғаи аз ҷониби Қарзгир дар Ариза оид ба пешниҳод намудани қарзи истеъмолӣ нишондодашуда бурда месупорад. Дар ин ҳол Корт тибқи ариза дар бораи пешниҳоди қарзи истеъмолӣ шахсан/тавассути почта ба Қарзгир ё ба намояндаи ваколатдори вай супорида мешавад.

8.7. Дорандагони Корт метавонанд бозпардохти қарзро тавассути корт, бо роҳи ворид намудани пули нақд дар Бонкҳо, дар нуқтаҳои додани пули нақд ва/ё банкоматҳо, ки пули нақдро бо истифодаи Корт бо мақсади мушаххассозии Суратҳисоби бонкӣ қабул менамоянд, амалӣ гардонанд.

8.8. Гирифтани пули нақд дар инфрасохтори Бонк тибқи Тарофаҳои амалкунандаи Бонк дар лаҳзаи иҷрои амалиётҳо ва хизматрасониҳои дигар тибқи Тарофаҳои амалкунандаи Бонк дар лаҳзаи иҷрои амалиётҳо амалӣ карда мешаванд.

8.9. Аз нав баровардани пеш аз мӯҳлати Корт дар сурати гумшавӣ/корношоямӣ дар асоси аризаи хаттии Дорандаи корт амалӣ карда мешавад. Барои аз нав баровардани Корт Бонк ҳуқуқ дорад комиссияи дар Тарофаҳои Бонк муқарраршударо ситонад.

8.10. Бонк маълумот (иқтибос)-ро оид ба иҷрои ҳар як амалиёт бо истифодаи Корт, тавассути хизматрасонии Интернет-бонк, дигар роҳу воситаҳои алоқа ирсол менамояд. Аз лаҳзаи ирсоли Иқтибос/СМС-паём дар бораи гузаронидани амалиёт иттилоърасонӣ муносиб ҳисобида мешавад.

8.11. Қарзгиранда уҳдадор мешавад фавран пас аз ошкор гардидани далели гум шудани Корт ва/ё истифодаи он бидуни розигии Қарзгир, ба Бонк бо дилхоҳ роҳу усулҳои пешниҳодшуда (муроҷиат ба дафтарҳои кории Бонк, тавассути телефони +992 44 625 7777), вале на дертар аз рӯзи пас аз рӯзи гирифтани Иқтибос

аз Бонк оид ба интиқоли маблағҳои пулӣ тавассути хизматрасонии Интернет-бонк ё СМС-паёмак хабар расонад.

8.12. Истифодаи Корт метавонад аз ҷониби Бонк бо ташаббуси Қарзгир ё бо ташаббуси Бонк ҳангоми аз ҷониби Қарзгир вайрон шудани тартиби истифодаи корт тибқи Шартномаи қарзи истеъмолӣ манъ ё қатъ карда шавад.

8.13. Дар ҳолате, ки агар Корти ҳисоббаробаркунӣ бо сипарӣ шудани 30 (сӣ) рӯзи тақвимӣ аз лаҳзаи ирсоли дархост барои барориши он фаъол карда нашуда ва аз ҷониби Қарзгир гирифта нашуда бошад ё аз ҷониби Қарзгир 6 (шаш) ва зиёда моҳ истифода нашуда бошад, Корти ҳисоббаробаркунӣ бояд аз эътибор соқит карда шавад (корт ба ҳолате гузаронида мешавад, ки истифодаи минбаъдаи онро номумкин мегардонад, ариза-пешниҳод, Шартномаи Суратҳисоби бонкӣ қатъ карда мешаванд).

## 9. ШАРТҲОИ ИЛОВАГӢ

9.1. Шартномаи қарзи истеъмолӣ то иҷрои пурраи уҳдадориҳои Қарзгир дар назди Бонк, бо назардошти уҳдадории пардохти ҷаримаҳо амал менамояд.

Мутобиқи қонунгузории амалкунанда то имзои Шартномаи қарзи истеъмолӣ Қарзгир:

- пешакӣ бо андозаи арзиши пурраи қарз, номгӯй ва андозаи пардохтҳое, ки ба ҳисоби он ворид шудаанд ва ворид нашудаанд, номгӯйи пардохтҳо ба фоидаи шахсони сеюм шинос карда шудааст ва розӣ мебошад;

9.2. Талаби баргардонидани қарз (як қисми қарз)-ро Қарзгир дастраснамуда маҳсуб мешавад, зеро чизи дигаре аз шартҳои Шартномаи қарзи истеъмолӣ ва ҳолатҳое, ки зимни онҳо амалҳои мазкур анҷом дода мешаванд, барнамеояд.

9.3. Ҳамаи баҳсҳои алоқаманд бо иҷрои Шартномаи қарзи истеъмолӣ тариқи судӣ мутобиқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ карда мешаванд.

9.4. Қарзгир Шартномаи қарзи истеъмолиро, ки муқаррароти дар боло зикршударо дар бар мегирад, бо ақли солим ва хотираи устувор имзо кардааст ва наметавонад иддао кунад, ки ин ё он муқаррароти шартномаро нахондааст.

9.5. Тағйирот ба ҳамин Шартҳои умумии Шартномаи қарзи истеъмолӣ аз ҷониби Бонк ба таври якҷониба ворид карда шуда, дар сомонаи расмии Бонк: www.ibt.tj ҷойгир карда мешаванд. Тағйирот ба Шартҳои умумии Шартномаи қарзи истеъмолӣ аз лаҳзаи аз ҷониби Бонк дар сомонаи расмии худ дар шабакаи Интернет: www.ibt.tj ҷойгир кардани он эътибор пайдо намуда, барои Бонк ва Қарзгир ҳатмӣ мегарданд.

## 10. ШАРТҲОИ ИТТИЛООТӢ

10.1. Роҳҳои табодули иттилоъ миёни Қарздеҳ ва Қарзгир:

Тавассути хизматрасонии Интернет-бонк дар сомонаи www.ibt.tj (дар ҳолати ба Қарзгир пайваст намудани хизматрасонии мазкур), утоқи шахсӣ, инчунин тавассути алоқи телефонӣ, факсимилӣ, почтавӣ (аз ҷумла, ирсоли мактуб ба суроғаи ҷойи истиқомат ё тавассути почтаи электронии Қарзгир, ирсоли паёмак (СМС) ба телефони мобилии Қарзгир, ки маълумоти онҳоро Қарзгир пешниҳод намудааст), инчунин бо роҳи шахсан ба воҳиди сохтории Бонк ҳозир шудани Қарзгир.

Ҳангоми мавҷудияти қарздории муҳлатгузаштаи Қарзгир тибқи шартномаи мазкур, қарздеҳ дар давоми сӣ рӯзи корӣ, аз лаҳзаи ҷалб намудани шахси дигар барои амалисозии таъсиррасонӣ ба қарзгир, ки ба баргардонидани қарздории муҳлатгузашта нигаронида шудааст, дар ин бора қарзгирро бо роҳи ирсоли огоҳии дахлдор тавассути СМС-паёмак ба телефони мобилии Қарзгир хабардор менамояд.

10.2. Роҳҳои дигари таъсиррасонӣ ба Қарзгир ва такрорёбии он он дар сурати мавҷудияти қарздории муҳлатгузашта ва иҷрои амалҳое, ки ба баргардонидани он нигаронида шудаанд:

10.2.1. Ҳангоми мавҷудияти қарздории муҳлатгузаштаи Қарзгир тибқи шартномаи мазкур қарздеҳ ё шахсе, ки аз номи ӯ ва (ё) ба манфиати ӯ амал менамояд, ҳуқуқ дорад дар қатори роҳҳое, ки қонунгузорӣ муқаррар кардааст, роҳҳои зерини таъсиррасониро истифода намояд:

- музокироти телефонӣ бо мақсади барқарор кардани иртибот бо қарзгир, гузаронидани таҷдиди қарз, коркарди муроҷиатҳои даъвоӣ;
- паёмҳои матнӣ дар шабакаҳои иҷтимоӣ (Вконтакте, Одноклассники, Мой мир ва ғ.);
- паёмҳои матнӣ, ки ба почтаи электронӣ ирсол карда мешаванд.